№1 (136)
28 январи соли 2020

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

# РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года

Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

ДАР ИН ШУМОРА:



ОТКРЫТИЕ СТАНЦИИ ПО ФИЛЬТРАЦИИ ВОДЫ НА ГУП «ОБУ КОРЕЗИ ДУШАНБЕ»
стр. 2



ПАЁМ МУҲИМТАРИН БАРНОМАИ СОЗАНДА
саҳ. 4



КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН ФАЪОЛИЯТИ ЯКСОЛААШРО ҶАМЪБАСТ НАМУД
саҳ. 6




ТАБЛИҒИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР НОҲИЯИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ
саҳ. 7

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН РАМЗИ «30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»-РО ТАСДИҚ НАМУДАНД




Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз байни рамзҳои пешниҳоднамудаи рассомон, дизайнерон ва устодони Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон рамзи «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро тасдиқ намуданд.

Рамзи мазкур дар шакли мудаввар таркиббандӣ шуда, давродаври он ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ «Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва рақамҳои «1991-2021» бо рангҳои зарҳалӣ навишта шудааст.

Дар қисми марказӣ рақами 30 бо ҳошияи зарҳалӣ бо истифода аз рангҳои парчами миллӣ ва дар қисми болои рақам яке аз рамзҳои давлатдории тоҷикон - тоҷ дар заминаи кӯҳҳои пурбарф ҷой дода шудааст.

Қисми поёни рақам ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифта, бо тасвири роҳи сеқабата, агрегати НБО, обпарто ва нақб - ифодагари дастовардҳои назарраси кишвар мебошанд.

Дар қисми мобайнӣ дарахтони сарсабз, дашту пуштаҳо ва боғҳо нишонае аз рушди деҳот буда, баёнгари табиати биҳиштосои кишвар маҳсуб меёбад.

Тоҷ, рақами 30, осмони соф ва кӯҳҳо аз фазои сулҳу суботи Тоҷикистони соҳибистиқлол дарак медиҳанд.

Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, воситаҳои ахбори омма метавонанд аз рамзи «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» васеъ истифода баранд.

## ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН РАМЗИ «СОЛҲОИ РУШДИ ДЕҲОТ, САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ» ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛҲОИ 2019-2021-РО ТАСДИҚ НАМУДАНД

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани солҳои 2019-2021-ро бо мақсади муаррифии ҳамаҷонибаи иқдоми мазкур тасдиқ намуданд.

Рамзи мазкур аз ҷониби Иттифоқи рассомон ва устодони Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Гирдогирди рамзро се хати доирашакли сурх, сафед ва сабз фаро гирифтааст, ки таҷассумгари Парчами давлатӣ маҳсуб меёбанд. Инчунин, ду хати иловагии доирашакли кабудранг ва ҳафт ситора низ рамзҳои миллиро ифода мекунанд. Дар гирди рамз бо забонҳои тоҷикиву англисӣ «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-




2021» навишта шудааст.

Дар маркази доира ҷузъиёти асосии рамз - кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Тоҷикистон, офтоби оламоро, манзараҳои зебои ҳаёти деҳот, роҳу нақбҳо ва сайёҳ чун нишонаи рушди сайёҳӣ, рубоб, кӯза ва анору ангур ҳамчун рамзи кишоварзӣ ҷой дода шудааст, ки таҷассумкунандаи макони меваҳои шаҳдбор будани диёри зебоманзари Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Ҳамзамон, мусавварҳо бо нақшу нигорҳои миллӣ оро дода шудааст, ки идомаи ҳунарҳои мардумӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ, рамзи мазкур чор ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакатро бо тасвир кардани дарғот, нақб, роҳ ва меваҷот ифода мекунад.

Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, воситаҳои ахбори омма метавонанд аз рамзи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» васеъ истифода баранд.

www.president.tj

# ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ РАҚАМИ 65 ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ





15 январ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 65-ро расман ифтитоҳ намуданд.

Бинои нав дар кӯчаи Деҳлавии ноҳияи Шоҳмансур дар ҷойи бинои кӯҳнаву фарсуда ва якошёнаи муассисаи мазкур, ки солҳои 50-уми қарни гузашта сохта шуда буд, қомат афрохтааст.

Иншооти чорошёнаи навбунёдро сохтмончиён замонавӣ, бо истифода аз масолеҳи баландсифати сохтмонӣ ва бо санъати баланди меъмории миллӣ бунёд намуданд.

Корҳои сохтмониро Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ёқут-2000"-ум дар муддати як сол ва бо ҷалби беш аз 100 нафар коргарони маҳаллӣ анҷом додааст.

Бинои таълимӣ дар масоҳати 1820 метри мураббаъ бунёд шуда, он барои 2000 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст. Масоҳати умумии иншоот бо фарогирии қитъаҳои сабзкоришуда бошад, 5500 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Ба Президенти мамлакат иттилоъ дода шуд, ки бино аз 38 синфхона, 10 ҳуҷраи корӣ барои омӯзгорон, китобхона, маҷлисгоҳ бо 344 ҷойи нишаст, ошхона, толори варзиш ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Китобхонаи муассиса дорои 3600 нусха китоби дарсӣ, 1400 нусха китоби бадеӣ, 1000 нусха китоби бачагона ва 450 нусха дастурҳои таълимӣ аст. Қироатхонаи китобхона бо 40 ҷойи нишаст ва 7 компютер фарогири миқдори зиёди китобҳои гуногуни электронӣ мебошад.

Зимни шиносоии Сарвари давлат бо имконоти таълиму тадрис дар муассисаи мазкур маълум гардид, ки синфхонаҳои фаннии он, аз ҷумла, синфхонаҳои лингафонӣ, химия, физика ва биология пурра бо таҷҳизоти муосири таълимӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Дар синфхонаи технологияи иттилоотӣ 30 компютер васлу насб гардидааст, ки ҳар кадоми он ба шабакаи интернет пайваст аст.

Ошхонаи муассиса, ки дар ошёнаи якуми бино ҷойгир аст, дорои 160 ҷойи нишаст мебошад ва дар он бо истифода аз таҷҳизоти муосир ба хонандагону омӯзгорон хизмат расонида мешавад.

Дар ошёнаи дуюми бино барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии хонандагон гӯшаи шоҳмотбозӣ ва дар ошёнаи сеюм ҷиҳати тарғиби фарҳанги миллӣ, гӯшаи ҳунарҳои мардумӣ ташкил карда шудааст.

Дар таҳхона синфхонаҳои касбу ҳунаромӯзӣ барои писарон ва духтарон, синфхонаи омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва анбору буғхона ҷойгир мебошад. Низоми гармидиҳии муассиса ба шабакаи муттамаркази гармидиҳии шаҳр пайваст аст.

Ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаи музкур бо 32 адад камераҳои мушоҳидавӣ, ки дар як вақт имкони сабти ҳам навор ва ҳам садоро бо сифати баланд доранд, назорат карда мешавад.

Бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 65, ки ҷавобгӯи стандарти байналмилалӣ мебошад, дар доираи нақша-чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба хотири истиқболи сазовор аз 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, он беҳтарин тӯҳфаи Ҳукумати мамлакат ба муҳассилин ва омӯзгорон маҳсуб мешавад.

Пешвои миллат сифати корҳои сохтмонӣ ва шароити таълимиро дар муассисаи навбунёд беҳтарин унвон доданд.

Дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таълимии пойтахт мулоқот намуданд.

Зимни суҳбат Сарвари давлат аз омӯзгорон масъулиятшиносӣ дар корҳои таълим ва истифодаи самараноки имкониятҳои муосирро талаб карда, хонандагонро ба донишандӯзӣ ва аз худ намудани касбу ҳунар ҳидоят намуданд.

***www.president.tj***

# ОТКРЫТИЕ СТАНЦИИ ПО ФИЛЬТРАЦИИ

15 января Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон и Председатель города Душанбе уважаемый Рустами Эмомали в районе Исмаила Сомони столицы дали официальный старт второму этапу деятельности станции по фильтрации воды и водоснабжению «Худджоре» Государственного унитарного предприятия «Обу корези Душанбе».



Мера принята на основании непосредственных указаний и поручений Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона в рамках «Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы» и направлена на обеспечение жителей города Душанбе чистой питьевой водой.

Работы по строительству второго этапа станции по фильтрации воды были начаты 28 ноября 2017 года и завершены на высоком качественном уровне в соответствии с современными стандартами.

В ходе ознакомления Главу государства проинформировали, что производственная мощность первого этапа объекта составляла 150 тысяч кубометров воды в сутки и удовлетворяла потребность более 300 тысяч жителей.

С открытием второго этапа объекта мощность по производству чистой воды в сутки увеличилась, жители города Душанбе стали полностью обеспечиваться чистой питьевой водой.

Следует отметить, что фильтрующее оборудование создано с использованием новейших технологий сферы, и это считается первым опытом в странах Центральной Азии.

Объект состоит из трех этажей и десяти фильтрующих бассейнов. Инфраструктура станции во многом отличается от других проектов. Она расположена на сравнительно небольшой территории и перерабатывает воду на высоком качественном уровне, что является главным превосходством этого проекта.

В ходе ознакомления с деятельностью станции по фильтрации воды Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон привлек внимание ответственных лиц к необходимости повышения качества воды и обеспечения населения чистой питьевой водой.

Лидер нации подчеркнул, что хотя Таджикистан является многоводной страной, в сегодняшних условиях с учетом интересов будущих поколений необходимо применять методы эффективного, рационального и бережного отношения к водным ресурсам.





# ИФТИТОҲИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ҶӮРОБҲОИ ҶДММ “ВАҲДАТ” ДАР НОҲИЯИ ШОҲМАНСУРИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

15 январ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт ба фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ваҳдат”, ки ба истеҳсоли ҷӯроб машғул аст, оғози расмӣ бахшиданд.

Корхонаи ҷӯроббофӣ дар асоси дастуру супоришҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббуси соҳибкори ватанӣ Илҳом Мирзоев бунёд гардида, мақсад аз таъсис додани он то ҳадди ниҳоӣ коркард намудани ашёи хоми маҳаллӣ, бо шуғли доимӣ таъмин кардани аҳолӣ ва тақвият бахшидани иқтидори содиротии мамлакату мусоидат ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар арзёбӣ мегардад.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти корхона ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки иқтидори истеҳсолии корхона 19 миллиону 200 ҳазор ҷӯроб дар як сол буда, маҳсулоти он ҷавобгӯ ба талаботи бозори дохиливу хориҷӣ аз рӯи стандартҳои пазируфташудаи ҷаҳонӣ истеҳсол карда мешавад.

Дар марҳилаи аввали ба фаъолият пардохтани корхонаи ҷӯроббофии “Ваҳдат” дар шаҳри Душанбе, 300 нафар ба кор таъмин гардиданд, ки аксарияташон мутахассисони варзидаву лаёқатманд аз ҳисоби ҷавонону бонувон мебошанд.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани марҳилаи дуюми корхона, қарор аст дар он бештар аз 600 нафар бо кор ва маоши хуб таъмин гарданд.

Аз рӯи маълумоти соҳибкор, навбати дуюми корхона давоми соли ҷорӣ ба фаъолият оғоз хоҳад намуд, зеро барои ин ҳамаи шароитҳо муҳайё буда, хатҳои истеҳсолӣ низ харидорӣ шудаанд.

Айни замон музди миёнаи маоши коргарон аз 800 то 1200 сомониро ташкил дода, шароитҳои мусоиди корӣ барои кормандон фароҳам сохта шудааст.

Дар корхона намудҳои гуногуни ҷӯробҳои мардонаву занона ва ҷӯроб барои кӯдакону наврасон ва ҷӯробҳои варзишӣ истеҳсол карда мешаванд. Воридоти хатҳои технологии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ваҳдат” аз ҷумҳуриҳои Туркия, Италия ва Чин сурат гирифта, дастгоҳҳои насли нав дониста мешаванд. Таҷҳизот ва хатҳои технологӣ дар минтақа беназир буда, қобилияти истеҳсоли маҳсулоти сифати баландро доро мебошанд. Ҳамин аст, ки маҳсулоти корхона сифатан хуб ва рақобатпазир истеҳсол шуда, ба бозорҳои Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон содирот карда мешавад. Ҷиҳати тақвияти иқтидори содиротӣ ва муаррифии бештари маҳсулоти ватанӣ бо Аморати Муттаҳидаи Араб низ бобати содироти ҷӯроб тавофуқот ба даст омадааст.

Дастуру супоришҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти коркарди ниҳоии ашёи хоми маҳаллиро сармашқи кори худ карда, маъмурияти корхонаи ҷӯроббофии “Ваҳдат” истеҳсолотро пурра аз ҳисоби пахтаи ватанӣ ба роҳ мондааст. 80% фоизи таркиби ҷӯробҳои ин корхона аз пахта буда, дар дохил ва хориҷи кишвар харидорони доимӣ доранд. Ҳамин меъёри кор тавaҷҷуҳи харидорони ватаниву хориҷиро бештар ба худ ҷалб кардааст.

Мавриди зикр аст, ки соҳибкор Илҳом Мирзоев дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон низ чунин корхона - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ваҳдат”-ро ҳанӯз соли 2014 дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъол сохта буд. Корхонаи ҷӯроббофӣ дар ноҳияи Ёвон айни замон дорои иқтидори истеҳсоли 4,5 миллион ҷуфт ҷӯроб дар як сол буда, дар он садҳо нафар бо кори доимӣ таъмин мебошанд ва маҳсулоти ин корхона ҳам таъиноти содиротӣ дорад.

***www.president.tj***

# ВОДЫ НА ГУП «ОБУ КОРЕЗИ ДУШАНБЕ»

Строительство быстродействующего песочного оборудования по фильтрации воды было начато с целью устранения имеющихся трудностей и недостатков в сфере очищения и обеззараживания питьевой воды.

Проектировщиком и контрактником станции по фильтрации воды на Государственном унитарном предприятии «Обу корези Душанбе» является совместная германо-итальянская компания «Людвиг Пффайфер - Эмит» («Ludwig Pfeiffer-Emit»), строительные работы и монтаж оборудования были завершены на высоком качественном уровне и в соответствии с международными нормами специалистами этих компаний вместе с местными специалистами.

Для своевременного и регулярного обеспечения населения города Душанбе чистой водой большое значение имеют бассейны по круглосуточному регулированию Государственного унитарного предприятия «Обу корези Душанбе».

Здесь имеются три отдельных бассейна вместимостью от 330 до 380 тысяч кубометров воды.

Для переработки и обеззараживания питьевой воды также большую роль играет цех по производству гипохлорита натрия.



В этом цеху, оснащенном современными германскими и китайскими технологиями, производится необходимое количество гипохлорита натрия – раствора для обеззараживания питьевой воды.

В цеху установлены три производственные линии, необходимые материалы готовятся на отдельных этапах, в том числе рассол и очищение его от других химических соединений.

По подсчетам специалистов, для годовой мощности объекта и полной переработки питьевой воды для жителей города Душанбе используется от 550 до 600 тонн соли.

Наряду с проделанными работами на объекте также завершено строительство административного здания, здания трансформаторной станции, автоматического коагуляционного и флокуляционного цеха, склада станции и трубопроводной линии диаметром от 1000 до 1600 миллиметров протяженностью 1,1 км.

Объект построен в рамках созидательных мер высшего руководства государства и Правительства страны, Исполнительного органа государственной власти города Душанбе с целью обеспечения жителей столицы чистой питьевой водой и во имя достойной встречи 30-летия Государственной независимости Республики Таджикистан.

***www.president.tj***

# ПАЁМ МУҲИМТАРИН



Дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нақшаи чорабиниҳо омӯзиши Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» гузаронида шуд.

Дар ҷамъомад вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Абдуалимов Баҳром Абдулазимович, инчунин кормандони дастгоҳи марказӣ, роҳбарон ва кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита иштирок намуданд.

Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол дар бораи самтҳои асосии соҳавии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ибрози назар намуд. Номбурда таваҷҷуҳи ҳозиринро ба хусусиятҳои



хоси Паёми имсола равона сохт, ки он аз бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, рушди бахши хусусӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, саноатикунонии кишвар, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи



технологияҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ, баргузории муҳимтарин чорабиниҳои сиёсӣ ва байналмилалии соли 2020 ва дигарҳо иборат мебошад.

- Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи корҳои солҳои охир анҷомдодаи хеш ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози назар карданд, ки соҳаҳои иқтисоду иҷтимоиёт ва фарҳангу илму варзиши мамлакат чӣ гуна равнақ ёфтааст, бо мисолҳои дақиқ ва далелҳои мушаххас нишон доданд, ки сатҳи зиндагии мардум то куҷо беҳтар шудааст. Мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ дар кадом поя қарор дорад ва иқдому ташаббусҳои Тоҷикистон чӣ хел дастгирӣ карда мешавад.

Расман ба кор андохтани ду агрегати нерӯгоҳи барқи обии “Роғун”, яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид, ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ - истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Қайроққум» ва «Сарбанд», бунёди инфрасохтори нақлиёт барои ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, таҷдиду сохтмони роҳҳои мошингарди Душанбе-Бохтар, Хуҷанд-Исфара, Кӯлоб-Шамсиддин Шоҳин, Шкев-Қалъаихумб, Кӯлоб-Муъминобод, дигар иқдому ташаббусҳои созанда, ки имрӯзҳо аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва саддо нафар соҳибкорону шахсони ҳимматбаланд бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ амалӣ шуда истодаанд, воқеан, вазифаи муқаддаси ҳар яки мост, ки ба хотири пешрафти минбаъдаи Тоҷикистони азизамон ва фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда барои сокинони кишвар саъю талош намоем.

Вобаста ба қисмати соҳаи сохтмону меъморӣ ва масъалаҳои корҳои ободониву бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳо, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки сохтмон яке аз соҳаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ, инъикоскунандаи рушди кишвар ва сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад.

Бо мақсади беҳтар намудани пешбурди фаъолият дар соҳаи меъмориву шаҳрсозӣ ва сохтмон санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа такмил дода шудаанд, - гуфт Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол.

Танҳо дар давоми ҳафт соли охир ба маблағи беш аз 37 миллиард сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта, қариб 8 миллион метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти дигар ба истифода дода шудаанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолии мамлакат ва бо мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоии мардуми кишвар 135 ҳазор гектар замин барои бунёди манзили истиқоматӣ тақсим карда, дода шуд.

Доир ба ин масъала кормандони соҳа вазифадор гардиданд, ки ҳангоми бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти гуногун бояд санъати меъмориро риоя намуда, барои боз ҳам беҳтару зебо гардидани симои шаҳру деҳот кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Дар робита ба ин, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти марбута ӯҳдадор гардиданд, ки дар вақти таҳияи нақшаҳои генералии шаҳраку деҳот, банақшагирии бунёди иншооти иҷтимоиву сайёҳӣ ва иншооти дигар риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, истифодаи васеи суннату унсурҳои меъмории миллӣ ва сифати масолеҳи сохтмонро таъмин намоянд.

Барои таъмини рушди соҳаи сохтмон ҷиҳати ба стандартҳои муосир мутобиқ гардонидани сифати иншооти сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ дар дохил ва хориҷи кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамчунин, ба ҳамаи сокинони мамлакат муроҷиат намуданд, ки то ҷашни муқаддасу бузурги 30-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон ҳар як оила ба масъалаи таҷдиду азнавсозӣ, тозаву озода ва ободу зебо гардонидани манзили зист, кӯчаву хиёбон ва ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин кӯшиш намояд.

Албатта, ҳамаи кормандони Кумита ин дастуру супоришҳоро сармашқи кори худ намуда, дар асоси нақшаи чорабиниҳо барои таъмини иҷрои он кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод.

Зеро ҳар як корманди Кумита бояд дар ҳамаи корҳои ободониву созандагӣ пешсаф, ташаббускор ва намунаи ибрат бошад, гуфт Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол.

- Сиёсати давлат ба он равона карда шудааст, ки барои ҳар як сокини кишвар шароити арзандаи зиндагӣ таъмин карда шавад. Тайи чор соли охир татбиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” амалӣ гардида, тадбирҳои афзалиятноки давраи аввали он ба “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” ворид шудаанд ва нишондиҳандаҳои маҷмӯии рушди иқтисодӣ асосан иҷро гардида истодаанд.

Бо мақсади зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот, тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ дар заминаи “Солҳои рушди деҳот,

# БАРНОМАИ СОЗАНДА



сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" корҳои мушаххас ба анҷом расонида шуда истодаанд.

Дар бахши сиёсати хориҷии Паём пеш аз ҳама таъкид гардид, ки Тоҷикистон стратегияи «дарҳои кушода»-ро идома дода, бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ҳамкорӣ хоҳад кард. Ҳифзи истиқлолият, давлатдории миллӣ, асолату ҳуввияти миллӣ, амнияту суббот ва пешрафту тараққиёти кишвар аз вазифаи муҳимтарини сиёсати дохиливу хориҷии давлати Тоҷикистон номида шуд.

Дар фароварди Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат иброз доштанд, ки «...Мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон - Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳои ояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд».

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва



коммуникатсия муҳтарам Абдуалимов Баҳром Абдулазимович дар бораи самтҳои асосии Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал истода гузаштанд.

- Чӣ тавре ки аз Паёми имсолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, дар ҳамаи самтҳо, дар тамоми бахшҳои ҳаётан муҳим пешравиҳову муваффақиятҳо ба назар мерасанд. Дар оғози Паём таъкид шуд, ки ***«Соле, ки сипарӣ шуда истодааст, дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо дастоварду пешравиҳои ноилшудаи халқамон ба сифати боз як соли бобарор сабт мегардад».*** Ин итминони мардумро ба ояндаи боз ҳам нек комилтар месозад. Ҷаноби Олӣ дар Паёми хеш борҳо таъкид намуданд, ки ҳамаи талошҳои Ҳукумати мамлакат ба як ҳадафи волотарин - таъмини зиндагии шоистаи мардум нигаронида шудаанд.

Имсол мо боз як қадами дигар ба ҷашни муқаддаси миллӣ - 30-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон наздик мешавем ва ин бояд масъулияти моро дучанд гардонад. Зеро истиқболи арзанда аз ин санаи муқаддас нишони ватандориву ватанпарастии ҳар сокини кишвар аст. Чӣ тавре ки Пешвои миллат дар Паёми худ зикр намуданд: ***«Ба ҳамаи сокинони мамлакат муроҷиат мекунам, ки то ҷашни муқаддасу бузурги 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон ҳар як оила ба масъалаи таҷдиду азнавсозӣ, тозаву озода ва ободу зебо гардонидани манзили зист, кӯчаву хиёбон ва ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин кӯшиш намояд».***

Бинобар он моро зарур аст, ки ба раванди омодагиҳо ба ҷашни муқаддаси миллӣ вусъати тоза бахшем. Ҳар як шаҳрванд ва сокини



кишвар бояд ба қадри имкон ва тавони худ барои истиқболи арзанда аз ин сана саҳми худро гузорад.

Сипас, муовини Раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон «Сохтмончӣ» Сафарзода Абубакр ба сухан баромада, аз ҷумла, чунин гуфт:

- Тавре Пешвои муаззами кишвар зикр намуданд, "Мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар - Ватани худ содиқона хизмат мекунанд".

Мо ҷавонон, ифтихорманд ва сарбаланд аз онем, ки сазовори боварии боэътимоди Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардидаем.

Ин нуктаҳо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватанпарастӣ, ифтихори миллии ҷавонони Кумитаро баланд бардошта, бори дигар водор месозад, то ба қадри неъматҳои бебаҳо, ба мисли Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, Ватани ободу ором ва арзишҳои фарҳангии хеш бирасем.

Яъне, имрӯз барои ҷавонон, иштирок ва фаъолияти онҳо дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ҳамаи омилҳо ва шароити иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодиву сиёсӣ фароҳам оварда шудаанд. Ва дар ин роҳ, пеш аз ҳама, азму талош ва кӯшишҳои ҷавонони лаёқатманду фаъол, ватандӯсту меҳанпарвари мо нақши ҳалкунанда дорад.

Дар умум гуфтан ҷоиз аст, ки тамоми заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҷавонон бисёр арзанда арзёбӣ гардида, ҷавононро ҳамчун ояндасозони давлату миллат, қувваи пешбаранда ва нерӯи ҳаракатдиҳандаи ҷомеа эътироф кардан, боиси болидарӯҳӣ ва ифтихори миллии ин қишри ояндасоз гардида, эътимоди онҳоро ба фардои дурахшон қавӣ ва масъулиятшонро баҳри ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ дучанд менамояд.

Ҷавонони Кумита низ худро воқеан давомдиҳандагони ҳадафҳои олии кишвар пиндошта, мактаби бузурги ватандӯстии Пешвои миллатро сабақи бузурги зиндагӣ интихоб намуда, масъулияти бузурги таърихӣ ва қарзи пурифтихори фарзандии худро сарбаландона адо менамоянд ва барои рушду нумӯи рӯзафзуни кишвар ҳамчун созандагони фардои Ватан ва пайравони асилу содиқи Пешвои миллат тадбирҳои судманд андешида, ҳамчун нерӯи пешбарандаю такондиҳандаи ҷомеаи навини Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳадафҳои созандаю бунёдкорона фаъолияти хешро дучанд равона месозанд.

Дар анҷоми суханронии худ Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол изҳори боварӣ намуд, ки сохтмончиёну меъморони ҷумҳурӣ дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ҳамчун барномаи амал қарор дода, фаъолияти мақсадноки худро дар пешрафти ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа аз рӯи чорабиниҳои тасдиқгардида равона менамоянд ва бо дарки масъулият ба ояндаи кишвар фаъолият бурда, дастуру супоришҳоро дар ҳаёт татбиқ намуда, барои иҷрои вазифаҳои дар Паём гузошташуда, аз ҷумла, истифодаи технологияҳои ҳозиразамон барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии ватанӣ, таҳияи лоиҳаи хонаҳои истиқоматии дастрас, лоиҳаи инфрасохтори сайёҳии ба талаботи муосир ҷавобгӯ, баланд бардоштани сифати корҳои сохтмонӣ, сохтмони иншооту биноҳои нав бо риояи талаботи санъати баланди меъморӣ ва бунёди иншооти сохташаванда бахшида ба ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Зеро ҳар як корманди Кумита бояд дар ҳамаи корҳои ободониву созандагӣ пешсаф, ташаббускор ва намунаи ибрат бошад.

***Д. Нурзода,***
***"Рӯзномаи бинокорон"***

# КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН ФАЪОЛИЯТИ ЯКСОЛААШРО ҶАМЪБАСТ НАМУД



Дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси васеи ҳайати мушовара доир гардид.

Дар маҷлиси ҳайати мушовара Мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо муҳтарам Муқимзода Наим, намояндагони вазорату идораҳо, ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ, сармеъморони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, директорони корхонаҳои фаръии Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарон ва кормандони масъули зерташкилоту муассисаҳо ва дастгоҳи марказии Кумита иштирок намуданд.

Дар рӯзномаи маҷлиси васеи ҳайати мушовара ду масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ин ҳам бошад:

***1.*** Ахбороти сардори Раёсати корҳо Наврӯзов Лутфулло оид ба иҷрои қарорҳои ҳайати мушовара аз 11 октябри соли 2019.

***2.*** Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти раёсату шуъбаҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020.

Сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ Табарзода Р.Ҳ. сардори Хадамоти иҷозатномадиҳӣ Файзуллозода Н.Қ., сардори Раёсати экспертизаи давлатӣ Саъдуллозода С.Ф., директори ҶСК «Шаҳрофар» Ишанов Б.М., директори ҶСК «Саноатсоз» Мализода Б.Ҳ., директори ҶСК «Корезлоиҳа» Худойдодзода Н.Х., директори КВД ПИТ «Сохтмон ва меъморӣ» Умаров У.Х., директори КВД «Маркази нархгузорӣ» Каримзода А.Р., директори КВД «Лоиҳакаш» Шарифзода Д.Ш. ва директори МД «Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ» Сафарзода А.А. дар назди ҳозирин ҳисобот доданд.



Барои ҷамъбаст намудани кору фаъолияти раёсату шуъбаҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ва гузоштани вазифаҳо барои соли ҷорӣ Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол суханронӣ намуд.

Қабл аз хондани қарори ҷамъбастӣ Мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо муҳтарам Муқимзода Наим суханронӣ намуда, оид ба фаъолияти минбаъдаи Кумита таклифу пешниҳодҳо намуд.

Сипас, мутахассисони соҳаи меъморӣ ва сохтмонро, ки бо фаъолияти пурмаҳсулу самаранок дар густариш ва рушди соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон саҳми босазо гузоштаанд, қадрдонӣ намуданд.

Дар анҷоми кори ҷаласаи ҳайати мушовара Раиси Кумита изҳори боварӣ намуд, ки сохтмончиёну меъморони ҷумҳурӣ дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ҳамчун барномаи амал қарор дода, фаъолияти мақсадноки худро дар пешрафти ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа аз рӯи чорабиниҳои тасдиқгардида равона менамоянд ва бо дарки масъулият баояндаи кишвар фаъолият бурда, дастуру супоришҳоро дар амал татбиқ намуда, барои иҷрои вазифаҳои дар Паём гузошташуда кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Зеро ҳар як корманди соҳа бояд дар ҳамаи корҳои ободониву созандагӣ пешсаф, ташаббускор ва намунаи ибрат бошад.

Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд:

***- "Мо ҳамаи иқтидору имкониятҳоро дорем, ки раванди ободкориву созандагиро беш аз пеш густариш бахшем, барои расидан ба ҳадафҳои миллиамон кӯшишу ғайрати бештар намоем, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ камбудиҳои мавҷударо бартараф кунем, рушди устувору босуботи кишвари азизамонро таъмин созем ва рӯзгори ҳар як хонадони Тоҷикистонро аз имрӯза беҳтар гардонем".***



***Д. ТАБАРОВА, "РБ"***



## ДАР ДУШАНБЕ ШАҲРАКИ НАВ - №163 БУНЁД МЕГАРДАД

Дар ҳудуди кӯчаҳои Шевченко, Бухоро ва Ҷалол Икромӣ шаҳраки 163-юми шаҳри Душанбе бунёд мегардад. Дар асоси супориши Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ тибқи Нақшаи генералии пойтахт Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳр нақшаи муфассали тарҳрезии шаҳраки 163-ро дар пойтахт таҳия намуд. Бо дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони биноҳои маъмурию истиқоматӣ дар шаҳраки мазкур тибқи талаботи муосири шаҳрсозӣ ба роҳ монда шуда, дар онҳо унсурҳои меъмории миллӣ истифода мегарданд.

Дар ин бора аз Раёсати иттилоот ва робитаҳои хориҷии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд. Масоҳати ҳудудҳои қитъаи тарҳрезишудаи шаҳраки мазкур 40,00 гектарро дар бар гирифта, дар 5,80 гектари он биноҳои истиқоматӣ бунёд мегарданд. Шумораи биноҳои истиқоматии дар ин макон бунёдшаванда 75 ададро ташкил медиҳад.

Тибқи иттилои муовини якуми Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе Ҳусниддин Саидмуъминов, дар шаҳраки нав дар масоҳати 0,90 гектар сохтмони биноҳои маъмурӣ, ки 7 ададро ташкил медиҳанд, ба нақша гирифта шудааст. Ҳамчунин дар масоҳати 0,70 га сохтмони биноҳои иҷтимоӣ, ки шумораи онҳо 4 адад муқаррар гардидааст, дар назар аст.

«Дар шаҳраки нави замонавӣ дар масоҳати 8,00 гектар роҳҳои мошингард, 6,90 гектар пиёдароҳҳо бунёд мешаванд. Ҳудуди 14,00 гектари шаҳраки нав сабзазор мегардад. Бо инобати васеъшавӣ навсозии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ №52, боғчаи кӯдаконаи №73 «Садбарг» ва ду адад боғчаҳои кӯдаконаи лоиҳавӣ барои 150-нафарӣ, муассисаҳои томактабӣ барои 75 кӯдак (дар ошёнаҳои аввали биноҳои истиқоматӣ) ва марказҳои хизматрасонии тиббии оилавӣ, нозироти минтақавӣ (дар ошёнаҳои аввали биноҳои лоиҳавӣ) ба нақша гирифта шудаанд.

Дар шаҳраки замонавӣ биноҳои истиқоматии серқабата ва миёнаошёна, марказҳои хизматрасонӣ, кӯдакистонҳо, майдончаҳои варзиш, майдонча барои бозии кӯдакон, айвону гулгаштҳои истироҳатӣ ва таваққуфгоҳи 1 ва 2-ошёнагӣ бо фароҳам овардани шароити хуб барои зиндагии сокинони он бунёд карда мешаванд.

***АМИТ «Ховар»***

# ТАБЛИҒИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР НОҲИЯИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ



Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2019, №16/10-59 ва банди 19 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №11 ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳии нуқтаҳои асосии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2019 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чораҳои зарурӣ андешид.

Мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 Раиси Кумита бо мақсади омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкил ва назорати иҷрои корҳо дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон вобаста карда шудааст.

Дар асоси қарори Раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ аз 30 декабри соли 2019, №2098 дар бораи гузаронидани воҳӯриҳои гуруҳҳои корӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқи вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, нақшаи чорабиниҳо омода карда шуд. Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ, дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳия таъсис дода шуд.

Дар ин радиф, рӯзи 4 январи соли 2020 дар толори мактаби ҷамоати деҳоти 50-солагии Тоҷикистони ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо иштироки Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол, Раиси ноҳия Саиди Ёқубзод, намояндагони гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, фаъолон ва бошандагони ҷамоати деҳоти "50-солагии Тоҷикистон"-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ доир ба баррасии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ оид ба самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ва роҳҳои амалигардонии дастуру супоришҳое, ки аз Паёми навбатӣ бармеоянд, ҷамъомад баргузор гардид.

Дар оғоз Раиси ноҳия ҷамъомадро ҳусни ифтитоҳ бахшида, оид ба қисматҳои Паём, ки бевосита ба кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста буд, суханронӣ намуд.

Дар навбати худ, аз ҷониби Раиси Кумита, роҳбари гурӯҳи корӣ зикр гардид, ки Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳнамои ҳар як фарди ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар амал татбиқ намудани он кафолати рушди бонизоми иҷтимоию иқтисодии мамлакат мебошад. Амалисозии он аз ҳар фарди ватандӯст ҳисси баланди масъулиятшиносӣ талаб менамояд. Аз ҷумла, оиди бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузориву соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, саноатикунонии кишвар, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, баргузории муҳимтарин чорабиниҳои соли 2020 ва дигарҳо суханронӣ карда шуд.



Раиси Кумита барои тафсиру таблиғи Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сафари корӣ ба ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчунин доир ба нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар, рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, имконияту шароити мусоиди табиӣ ва иқлими Тоҷикистон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, бунёди инфрасохтори мувофиқ ба талаботи муосир андешаҳои худро баён намуд.

Зикр гардид, ки Сарвари давлат дар Паёми худ самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои солҳои минбаъда муайян намуда, оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар барои ҳалли он дар назди масъулин вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд. Имрӯзҳо Ҳукумати мамлакат бахри ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат тадбирҳои муассир андешида истодааст.

Ҳамчунин, муроҷиати Пешвои миллат ба ҳар як сокини мамлакат оиди то ҷашни муқаддасу бузурги 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таҷдиду азнавсозӣ, тозаву озода ва ободу зебо гардонидани манзили зист, кӯчаву хиёбон ва ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин фаҳмонида шуд, ки бояд ҳар як оила кӯшиш ба харҷ диҳад.

Сипас, сардори шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Чабборов Ч. суханронӣ намуда, оид ба масъалаҳои амнияти кишвар, пешгирии роҳҳои терроризму экстремизм, шомил нагардидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва дигарон ибрози назар намуд.

Дар баромади худ Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Ҳалимов М. оид ба дастовардҳои кишвар, масъалаҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ, қадр намудани арзишҳои давлат, чорабиниҳои сиёсӣ ва байналмилалии дарпешистода суханронӣ намуд.

Аз ҷумла, иштирокдорон зикр намуданд, ки Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат дар воқеъ фарогири ҳамаҷонибаи масоили иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангиву маданӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ ва амнияти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон зимни мулоқот баромадкунандагон ба суолҳои иштирокдорон ҷавобҳои мушаххас доданд.

Рӯзи 5 январи соли 2020 бо иштироки Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол, Раиси ноҳия Саиди Ёқубзод, намояндагони гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ, сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо аҳолии деҳаҳои Мушкруд ва Ҷовидони ҷамоати деҳоти Яккатути ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ доир ба фаҳмонидани нуқтаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, масъалаҳои корҳои ободониву созандагӣ, ҳалли мушкилотҳои ҷойдоштаи деҳаву маҳаллаҳо, дар маҳалҳои зисташон мулоқотҳои судманд доир гардид.

Таъкид гардид, ки то ҷашни муқаддасу бузурги 30-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бояд ҳар як оила манзили зист, кӯчаву хиёбон ва маҳалҳои аҳолинишинро бояд таҷдиду азнавсозӣ, тозаву озода ва ободу зебо гардонидад.

Аҳолии деҳаҳои мазкур аз чунин воҳӯриҳо изҳори қаноатмандӣ карда, доир ба иҷрои ҳатмии супоришҳои Паёми Пешвои миллат омодагии худро иброз намуданд ва ба саволҳо ва мушкилиҳои ҷойдошта ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.

Баъдан гурӯҳи корӣ аз аҳволи ду оилаи эҳтиёҷманд ва камбизоати деҳаи Ҷовидони ҷамоати деҳоти Яккатути ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ хабар гирифта, ба онҳо маводи ғизоӣ, ба монанди орд, биринҷ, равған, макарон ва картошка кӯмакрасонӣ намуданд.

Чунин воҳӯриҳои судманд рӯзи 6 январи соли 2020 дар ҷамоати деҳоти Қадридин Ғиёсови ноҳия, 7 январ дар толори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо аҳолии шаҳрак, 8 январ дар ҷамоати деҳоти Иттифоқ, 14 январ дар ҷамоатҳои деҳоти Калинин ва Ифтихор, 17 январ дар ҷамоати деҳоти Дӯстӣ бо иштироки шахсони дар боло зикргардида, намояндагони гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ, сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва аҳолии ҷамоатҳои мазкур баргузор гардиданд.

Ҳамчунин, аз санаи 3 то 18 январи соли ҷорӣ бо кормандони ҳар як сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар бинои идорааашон корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тарғибу ташвиқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби гурӯҳи корӣ гузаронида шуд.

Дар ин раванд, изҳори боварӣ карда шуд, ки дастаҷамъона бо аҳолии ноҳия доир ба иҷрои ҳатмии супоришҳои Паёми Пешвои миллат тадбирҳои зарурӣ андешида, ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фароҳам овардани шароити шоистаи зиндагӣ барои сокинони ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ пешвоз гирифта хоҳад шуд. Тибқи нақшаи чорабиниҳои гуруҳи корӣ воҳӯриҳо бо аҳолии маҳаллаҳои ҷамоати деҳоти ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ моҳҳои январ-феврали соли ҷорӣ идома хоҳанд ёфт.

***А. АВАЗ, мухбири махсуси "РБ"***



# ТОҶИКИСТОН БА КИШВАРҲОИ ҲАМСОЯ 1,5 МИЛЛИОН ТОННА СЕМЕНТ СОДИРОТ НАМУДААСТ

Тоҷикистон соли гузашта 4,2 миллион тонна семент истеҳсол карда, 1,5 миллион тоннаи онро ба кишварҳои хориҷӣ содирот намудааст. Аз ин 890 ҳазор тонна ба Ӯзбекистон, 576 ҳазор тонна ба Афғонистон ва беш аз 80 ҳазор тонна ба Қирғизистон рост меояд. Зиёдшавии ҳаҷми содирот аз ҳисоби фурӯши семент 68,1 миллион долларро ташкил медиҳад.

Инчунин соли гузашта аз Тоҷикистон ба давлатҳои ҳамсояи Афғонистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон қариб 400 ҳазор дона гаҷкартон содирот гардидааст, ки ин раванд пайкест аз афзоиши иқтидори содиротии мамлакат. Ҳаҷми истеҳсоли гаҷкартон дар мамлакат соли 2019 ба 1,4 миллион дона расонида шуд.

Ҳамзамон соли сипаригардида ба Тоҷикистон аз давлатҳои хориҷӣ ба маблағи 17,6 миллион доллар кошин, 9,7 миллион доллар шиша, 2,4 миллион доллар маснуоти санитарӣ ва 2,8 миллион доллар гаҷкартон воридот гардидааст. Дар маҷмӯъ ҳаҷми содироти масолеҳ 68,4 миллион доллар ва ҳаҷми воридот 42,9 миллион долларро ташкил дод, ки содирот 25,4 миллион доллар зиёд мебошад.

Тавре аз Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, корхонаҳои истеҳсолии соҳаи масолеҳи сохтмонӣ соли гузашта ба маблағи 2,7 миллиард сомонӣ масолеҳ истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба соли 2018 345,4 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ моҳи декабр 7,2 ва дар сол 10 фоизро ташкил дод. Истеҳсоли хишт ба 159,1 миллион дона, газоблок 36,9 ҳазор метри мукааб, масолеҳи ғайримаъданӣ 1,5 миллион метри мукааб, шифер 1,3 миллион дона баробар шудааст.

Тибқи хабари сарчашма, соли гузашта корхонаҳои истеҳсоли семент - «Моҳир семент»-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ, истеҳсоли шифери «Муқим-1»-и ноҳияи Ёвон, «Анас Одина»-и шаҳри Ҳисор, «Сомоншифер»-и шаҳри Душанбе, корхонаи коркарди сангҳои ороишии «Зиркон» дар шаҳри Душанбе, корхонаи истеҳсоли хишти «Белтатекс»-и шаҳри Хуҷанд ба фаъолият оғоз намуданд. Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат вобаста ба ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудани саноатикунонии босуръати мамлакат корхонаи шифери «Сомоншифер» дар шаҳри Душанбе корхонаи истеҳсоли шиферҳои асбестиро мавриди истифода қарор дод. Он моҳи сентябри соли 2019 ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз намуда, дар ин давра 343,5 ҳазор дона шифер ба маблағи 7,8 миллион сомонӣ истеҳсол намуд. Бо ба истифода додани корхонаи мазкур 62 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кор ва музди меҳнати доимӣ таъмин гардиданд.

Инчунин корхонаи нави истеҳсоли шифери «Анас Одина»-и шаҳри Ҳисор ки соли 2019 ба фаъолият оғоз кард, 28,2 ҳазор дона шифер ба маблағи 1,1 миллион сомонӣ истеҳсол намудааст. Дар ин корхона 15 ҷойи кор муҳайё гардидааст. Мусаллам аст, ки маҳсулоти истеҳсолгардида ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда мебошад.

# БУНЁДИ КОРХОНАЮ КОРГОҲИ ИСТЕҲСОЛӢ БА ТАТБИҚИ ҲАДАФИ ЧОРУМИ СТРАТЕГӢ МУСОИДАТ МЕНАМОЯД



Соли сипаришуда ба соҳаи саноати хӯроквории барои воридоти таҷҳизоти технологӣ, васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ ва бунёди корхонаҳои нав зиёда аз 166 миллион сомонӣ маблағҳои дохилии корхонаҳо ва сармоягузорони хориҷӣ равона гардид, ки ин ба бунёди 76 корхона ва коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти ғизоии саноатӣ бо таъсиси беш аз 800 ҷойи кории нав мусоидат намуд.

Тавре аз Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ иттилоъ доданд, саноати хӯрокворӣ соҳаи муҳим ва оянадори иқтисодиёти ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, бинобар мавқеи калидӣ доштан дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат, аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои афзалиятнок муайян гардидааст.

Дар ин росто, соли 2019 ҷиҳати расидан ба ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - саноатикунонии босуръати кишвар, таъмини устувор ва кафолатнокии аҳолии мамлакат бо маҳсулоти ғизоии бехатар ва дорои сифати баланд тадбирҳои муассир андешида шуданд.

Бунёди корхонаҳои азими саноатӣ, аз қабили корхонаи истеҳсоли равғани растании «Ганҷ»-и ноҳияи Кӯшониён бо иқтидори коркарди 40 ҳазор тонна, коргоҳи истеҳсоли равғани растанӣ дар заминаи ҶДММ «25-солагии Истиқлолият»-и ноҳияи Спитамен бо иқтидори коркарди 14,0 ҳазор тонна зироати равғанидиҳанда ва корхонаи истеҳсоли оби ошомиданӣ ва машруботии «Сиёма»-и шаҳри Душанбе бо иқтидори 23,4 миллион литр дар як сол шаҳодати гуфтаҳост.

# ШИРКАТИ «ТВЕА ДУШАНБЕ САНОАТИ КУҲӢ» ДАР НОҲИЯИ АЙНӢ КОРХОНАИ НАВИ ИСТЕҲСОЛИРО ФАЪОЛ МЕНАМОЯД



Ширкати «ТВЕА Душанбе саноати куҳӣ» соли ҷорӣ дар мавзеи Кумарғи ноҳияи Айнӣ корхонаи нави истеҳсолиро фаъол менамояд. Мавзӯи мазкур зимни мулоқоти Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва роҳбари ширкати «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» Юан Син Мин баррасӣ гардид.

Ба иттилои Хадамоти матбуоти Раиси вилояти Суғд, корхонаи нав иқтидори истеҳсоли 1 тонна тилло дар як солро доро буда, дар марҳилаи аввал 200 ва давоми ду соли наздик, яъне то соли 2022 миқдори ҷойҳои нави кориро ба 600 адад расониданӣ аст.

Раиси вилоят иқдоми роҳбарияти ширкатро хуш пазируфта, таъкид кард, ки бунёди корхонаи мазкур метавонад дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии мамлакат таъсири мусбат расонад.

Зикр гардид, ки ширкат дар соли 2019 корҳои нақшакашӣ, санҷишҳои геологӣ ва бунёди инфрасохтори зарурира ба маблағи 30 миллион доллари амрикоӣ дар ин мавзеъ ба роҳ монда, соли равон ният дорад бо анҷоми корҳои сохтмонӣ ба истеҳсолот шурӯъ намояд. Ҳайати кории ширкатро дар маҷмӯъ 600 корманди техникӣ ва сохтмонӣ фаро мегирад, ки аз ин 426 нафарро коргарони маҳаллӣ ташкил хоҳанд дод.

Раиси вилоят масъулини соҳаро уҳдадор намуд, ки бо таъсиси комиссияи дахлдор раванди омодагиҳоро барои шурӯи фаъолияти корхонаи нави истеҳсолӣ омӯхта, хулосаҳои заруриро пешниҳод намоянд.

Тавсия дода шуд, ки баробари ба роҳ мондани фаъолияти истеҳсолӣ, ширкат ҳамзамон дар вусъати корҳои ободонии ноҳияи Айнӣ, аз қабили таъмиру азнавсозии роҳҳо ва бунёди иншооти иҷтимоӣ саҳмгузор бошад.

**АМИТ «Ховар»**



# ҚАДАМҲОИ МУАССИР ДАР РОҲИ САНОАТИКУНОНИИ МАМЛАКАТ

***«Саноатчиёни тоҷик дар соли сипаригардида фаъолияти худро ба таври густурда ба роҳ монда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 27 миллиарду 586 миллион сомонӣ расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 3 миллиарду 809,4 миллион сомонӣ зиёд гардида, суръати афзоиш 113,6 фоизро ташкил дод, - иброз дошт Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Заробиддин Файзуллозода зимни натиҷагирӣ аз фаъолияти соҳаи саноати мамлакат дар соли сипаригардида дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорат.***

Гуфта шуд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар саноати ангишт 114,2 фоиз, саноати маъдани кӯҳӣ зиёда аз 117, масолеҳи сохтмон беш аз 114, саноати сабук наздик ба 124 фоиз, мошинсозӣ наздик ба 130 фоиз, саноати табъу нашр 109 фоиз, хӯрокворӣ зиёда аз 109 фоиз, корхонаҳои пахтатозакунӣ беш аз 102 фоиз, нафт ва газ 117,6 фоиз ва электроэнергетика наздик 120 фоизро ташкил додааст.

Дар ҷаласа зикр гардид, ки дар соли сипаригардида 256 корхонаи азими саноатии мамлакат фаъолияти худро бо афзоиш ҷамъбаст намуда, ба маблағи 14,6 милиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуданд, ки дар қиёс нисбати соли 2018-ум 4,6 миллиард сомонӣ зиёд гардидааст. Вазири саноат доир ба дастуру ҳидоятҳо ва нуктаҳои муҳими соҳаи саноат, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ зикр шуданд, ибрози андеша намуда, ҷиҳати иҷрои саривақтии онҳо ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Бояд зикр кард, ки соли гузашта барои саноатчиёни мамлакат соли хотирмон буд, зеро 14 октябри соли 2019 мулоқоти Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо саноатчиёни мамлакат доир гардид, ки он аз таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат ба соҳаи саноат шаҳодат медиҳад. Ин мулоқот саноатчиёни мамлакатро бори дигар водор сохт, ки барои амалишавии ҳадафи чоруми стратегии давлат ва гузариши иқтисодиёти мамлакат аз самти аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ-аграрӣ фаъолияти пурсамар намуда дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми худро гузоранд.

Дар ин росто, дар ҷаласаи ҳайати мушовара ба масъулини соҳаҳо дастур дода шуд, ки барои ноил шудан ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии мамлакат аз тамоми имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намоянд.

# ИНФРАСОХТОРИ ТРОЛЛЕЙБУС ДАР ДУШАНБЕ ЗАМОНАВӢ ВА УСТУВОР МЕГАРДАД

Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои барқарорсозии инфрасохтори троллейбус дар шаҳри Душанбе 2,8 миллион доллар грант ҷудо мекунад. Лоиҳа рӯзи 15-уми январ дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагони мамлакат маъқул дониста шуд.

«Татбиқи Лоиҳаи мазкур ба таъмири зеристгоҳҳои мавҷуда, насби ноқилҳои фидерӣ, инчунин хатҳои троллейбус ва пойгоҳҳои он равона гардидааст», - зикр кард Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода зимни баррасии ин масъала дар Парлумон.

Тибқи иттилои Ф. Қаҳҳорзода маблағи умумии лоиҳа 8 миллион долларро ташкил дода, аз ин маблағ 5,2 миллион бо кафолати давлатӣ ба сифати қарз ва 2,8 миллион доллари



он дар шакли гранти сармоягузорӣ ҷудо карда мешавад. Сармоягузорӣ барои устувории инфрасохтори троллейбусҳои пойтахт пешбинӣ шудааст. Барқарорсозии инфрасохтори троллейбусҳо ба рушди соҳа ва беҳтар гардидани фаъолияти ин воситаи мусофиркаш мусоидат карда, имкон фароҳам меорад, ки сокинону меҳмонони пойтахт аз хизматрасонии ин нақлиёти камхарҷи ҷамъиятӣ ва аз лиҳози экологӣ тоза бештар истифода баранд.

Мавриди зикр аст, ки то имрӯз БАТР ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон тақрибан 670 миллион евро ($740 миллион) сармоягузорӣ кардааст.

Тавре роҳбари гурӯҳи татбиқи лоиҳаи «Рушди нақлиёти истифодаи умум дар шаҳри Душанбе» Абдулхайр Алиев иттилоъ дод, айни замон дар 7 хатсайри троллейбусии шаҳри Душанбе 87 адад воситаҳои нақлиёти барқии корхона ба сокинону меҳмонони шаҳр хизмат мерасонанд. Онҳо дар як сол беш аз 11 миллион мусофирро интиқол медиҳанд.

Ёдовар мешавем, ки моҳи майи соли 2019 бо иштироки Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар Корхонаи коммуналии воҳиди давлатии «Троллейбус»-и шаҳри Душанбе маросими рӯнамоии троллейбусҳои муосири тамғаи 3321 00 D, ки аз Ҷумҳурии Беларус дастрас гардидаанд, баргузор шуд. Ин троллейбусҳои муосири минтақаи Осиёи Марказӣ бори аввал ба шаҳри Душанбе оварда шуданд.

Ба иттилои манбаъ, троллейбусҳои ширкати «Белкоммунмаш» тариқи ноқил ва ҳангоми қатъ гардидани қувваи барқ то 15 километр ба воситаи батарея ҳаракат мекунанд. Арзиши як адад чунин троллейбус қариб 250 ҳазор доллари америкоиро ташкил медиҳад. Иқтидори ғунҷоиши троллейбус 90 кас, ҷойи нишасти он барои 22 нафар буда, дарозиаш 12м ва бараш 2,5м мебошад. Троллейбусҳо системаи сӯхторхомӯшкунӣ, назорати видеой, кондитсионер барои мусофирон ва кабинаи ронанда доранд. Онҳо бо механизми махсус муҷаҳҳаз шудаанд, ки фаршро кохиш медиҳанд, то ворид шудан ба салон мувофиқ бошад. Инчунин дар троллейбусҳои мазкур пандус барои маъюбон мавҷуд аст.

«Фаъолияти троллейбусҳои нав дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳри Душанбе бо мақсади озмоиш ба роҳ монда шудааст. Минбаъд харидории 100 адад чунин троллейбусҳо барои хизматрасонӣ ба мусофирон дар пойтахт пешбинӣ шудааст», - илова намуд номбурда.

# САҲМИ СОБИҚАДОРИ МЕҲНАТ ЗАЙТУНА ҚАЛАНДАРОВА ДАР НАВСОЗИИ 6,5 КМ РОҲ ВА БУНЁДИ КӮДАКИСТОН ДАР НОҲИЯИ ПАНҶ



Сокини ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон, собиқадори меҳнат Зайтуна Қаландарова тасмим гирифтааст, ки то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар навсозии 6,5 км роҳи маҳаллӣ ва бунёди кӯдакистон саҳм гузорад.

Муовини раиси вилоят Фирӯза Шарифӣ ва сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи вилоят Раъно Раҳимзода ба аёдати Зайтуна Қаландарова ба ноҳияи Панҷ омада, аз аҳволи ӯ хабардор гардиданд.

Зимни суҳбат Зайтуна Қаландарова ба муовини раиси вилоят иброз дошт, ки сиёсати созандаю бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, меҳоҳад дар ободонии маҳалли зисташ саҳм гузорад.

Муовини раиси вилоят ин ташаббуси Зайтуна Қаландароваро намунаи барҷастаи як шаҳрванди соҳибватану ободгар ва пайрави воқеии Пешвои миллат арзёбӣ намуда, зикр кард, ки ин иқдоми наҷиби ӯ барои дигарон намунаи ибрат ва шоистаи пайравӣ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки З. Қаландарова аз ҷумлаи бонувони фаъоли ноҳия буда, солҳои зиёд дар мақомҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ хизмат кардааст.

***АМИТ «Ховар»***

## КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОРИ ҲАЙАТИ МУШОВАРА

***аз 9 январи соли 2020, №138/2020, ш. Душанбе***

***Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти кори раёсату шуъбаҳо, воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ва вазифаҳо барои ҷамъбасти соли ҷорӣ***

Ҳайати мушовара натиҷаи фаъолияти кори раёсату шуъбаҳо, воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро дар соли 2019 муҳокима намуда, қайд менамояд, ки дар давраи ҳисоботӣ оид ба иҷрои супоришҳое, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуданд, корҳои мушаххас ба анҷом расонида шуд.

Бо назардошти корҳои иҷрошуда мутобиқи Нақшаи кории Кумита дар соли 2019 ва таклифу пешниҳодҳо ҳайати мушовара,

ҚАРОР МЕКУНАД:

***1.*** Ҳисоботи раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ба инобат гирифта шавад.

***2.*** Сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо баҳри амалӣ намудани вазифаҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 бармеоянд, тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**-** оид ба таъмини иҷрои саривақтии супоришҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ чораҷӯӣ намуда, аз натиҷаи корҳои баанҷомрасонидашуда ҳар семоҳа гузориши муфассал пешниҳод намоянд.

***3.*** Муовини Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Раҳматуллозода Ш.И.), сардори Раёсати шаҳрсозӣ (Искандаров Ф.С.), директори Муассисаи давлатии “Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ” (Сафарзода А.А.), роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шаванд:

**-** оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва банди 3.11. Нақшаи чорабиниҳо оиди самаранок гардонидани ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳои давлатии ба равзанаи ягона дар соҳаи сохтмон ҷалбгардида, ҷиҳати кушодани утоқи кории "Равзанаи ягона дар соҳаи шаҳрсозӣ" дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳое, ки то ҳол ташкил дода нашудаанд, то охири моҳи январи соли 2020 чораҷӯӣ намоянд;

**-** бо мақсади тақвият бахшидани кори системаи равзанаи ягона дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ барои насби барнома дар мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намуда, ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба амалӣ намудани принсипи “Равзанаи ягона” омода ва пешниҳод карда шавад;

**-** оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ аз рӯи нишондоди “Гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ” тадбирҳои зарурӣ андешанд;

***4.*** Муовини Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И.), Раёсати шаҳрсозӣ (Искандаров Ф.С.), Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ (Табарзода Р.Ҳ.) риоя ва татбиқи нақшаҳои генералии шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишинро тибқи ҷадвали тасдиқшуда ба роҳ монда, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда мунтазам ахборот пешниҳод намоянд.

***5.*** Муовинони Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И., Мирзозода Н.Ю.), Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ (Табарзода Р.Ҳ.) вазифадор карда шаванд:

**-** барои таъмини рушди соҳаи сохтмон ҷиҳати ба стандартҳои муосир мутобиқ гардонидани сифати иншооти сохташаванда чораҳои зарурӣ андешанд;

**-** ҷараёни иҷрои корҳои сохтмониро дар сохтмони бино ва иншооти ҷумҳурӣ зери назорати доимӣ қарор дода, оиди қатъиян манъ кардани сохтмони иншооте, ки бе хулосаи экспертизаи давлатии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ, аз рӯи варақа ё лоиҳаҳои нопурра сохта мешаванд ва пешгирии қонунвайронкуниҳо дар сохтмон, инчунин ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои таъхирнопазир андешанд;

**-** оид ба назорати сифати корҳои сохтмонӣ дар иншооти бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохташаванда тадбирҳои зарурӣ андешида, охири ҳар моҳ аз натиҷааш маълумот пешниҳод намоянд;

**-** риояи ҳатмии талаботи меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон МҚШ 35-01-2012 “Дастрасии бино ва иншоот ба гуруҳҳои камҳаракати аҳолӣ” зимни сохтмони бинову иншоот дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ зери назорат қарор диҳанд;

**-** иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429 “Дар бораи Тартиби кори комиссияҳои давлатии қабул, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо”-ро таҳти назорат гирифта, дар кори комиссияҳои давлатӣ талаботи қарори мазкурро амалӣ намоянд;

**-** назорати сифати корҳои сохтмониву васлгариро дар иншооти НБО “Роғун” ва сохтмони садд (ЛОТ-и 2) пурзӯр намуда, оид ба ислоҳи камбудиҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Иҷрои амрномаҳои додашударо зери назорат қарор дода, аз натиҷаи он ҳар моҳ ахборот пешниҳод намоянд;

**-** оид ба рафти иҷрои корҳои сохтмонӣ дар объектҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва стратегӣ ҳар моҳ маълумот пешниҳод намоянд;

**-** якҷо бо КВД “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ” оид ба назорат ва санҷиши сифати корҳои сохтмонӣ дар иншооти шаҳри Душанбе чораҳои мушаххас андешанд.

***6.*** Муовини Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И.), Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ (Файзуллозода Н.Қ.) вазифадор карда шаванд:

**-** ҷиҳати пурзур намудани шарту талаботҳои иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ ва саривақт тамдид намудани амали иҷозатномаҳои муҳлаташон ба охир расида тадбирҳои зарурӣ андешанд;

**-** тибқи талаботи қонунгузорӣ нисбат ба ташкилотҳои лоиҳакашӣ, ки лоиҳаҳои онҳо ба талабот ҷавобгӯй набуда, беасос арзиши корҳоро ҳангоми таҳияи харҷномаҳо зиёд менамоянд, мунтазам чораҷӯӣ намоянд;

**-** барои таъмини фаъолияти самараноки ташкилотҳои лоиҳакашии давлатӣ ва дастгирии мутахассисони ботаҷриба ва пешгирӣ кардани рақобати носолим аз ҷониби ширкатҳои хусусӣ чораҳо андешанд;

**-** минбаъд бо мақсади дақиқ намудани маълумотҳои базаи ягона оиди корҳои иҷронамудаи ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ ҳамкориро бо сохторҳои дахлдор ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад.

***7.*** Муовини Раиси Кумита (Мирзозода Н.Ю.), Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ (Саъдуллозода С.Ф.) ва Корхонаи воҳиди давлатии “Ташхисгар” (Нурзода Р.Н.) вазифадор карда шаванд:

**-** барои тақвияти фаъолияти Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ ва баланд бардоштани сифати корҳои гузаронидани экспертизаи лоиҳаҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд;

**-** риояи талаботи меъёру қоидаҳои шаҳрсозиро таъмин намуда, ба сифати лоиҳаҳо, махсусан харҷномаи онҳо, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ сохта мешаванд, диққати ҷиддӣ диҳанд;

**-** оид ба ҳалли фаврии масъалаҳои сохтмони иншооти НБО “Роғун” чораҷӯӣ намуда, лоиҳаҳои кории пешниҳодшударо саривақт баррасӣ намуда, хулоса пешниҳод намоянд;

**-** қабули лоиҳаҳои сохтмониро бо назардошти технологияҳои каммасрафи барқӣ ва пайвастшавӣ бо хатҳои муттамаркази гармитаъминкунӣ ба роҳ монанд;

***8.*** Муовини Раиси Кумита (Мирзозода Н.Ю.), Раёсати саноат, нақлиёт ва барномаҳои энергетикӣ (Олимзода С.М.), Комиссияи доимамалкунандаи Кумита оид ба ҳалли фаврии масъалаҳои техникии НБО “Роғун” ҷиҳати иҷрои супоришҳои Шӯрои нозирон, Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба сохтмон ва ба истифода супоридани иқтидорҳои нерӯгоҳ, ҳал намудани масъалаҳои бамеъёрдарории техникию нархгузорӣ ва дигар масъалаҳо, ки барои ба истифода додани иқтидорҳои неругоҳ мусоидат менамоянд, чораҳои зарурӣ андешанд.

***9.*** Муовини Раиси Кумита (Мирзозода Н.Ю.), Раёсати саноат, нақлиёт ва барномаҳои энергетикӣ (Олимзода С.М.), директори ҶСК “Саноатсоз” (Мализода Б.Ҳ.) ҷиҳати амалишавии ҳадафи чоруми стратегии давлат - саноатикунонии босуръати кишвар оиди таҳияи

лоиҳаҳои корхонаҳои саноатӣ дар ҳамкорӣ бо фармоишгарон ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

***10.*** Фармоишгарон ва ташкилотҳои пудратӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ иҷрои корҳои сохтмониро бо сифати баланд, бо истифода аз технологияҳои муосир ва дар мӯҳлатҳои пешбинишуда бо риояи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ амалӣ намоянд.

***11.*** Муовинони Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И., Мирзозода Н.Ю.), роҳбарони ташкилотҳои лоиҳакашии системаи Кумита (Ишанов Б.М., Мализода Б.Ҳ., Худойдодзода Н.Х., Умаров У.Х., Шарифзода Д.Ш.), дигар ташкилоту корхонаҳои лоиҳакашӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ:

- дар вақти таҳияи нақшаҳои шаҳраку деҳот, банақшагирии бунёди иншооти иҷтимоиву сайёҳӣ ва иншооти дигар ҷиҳати таъмин намудани риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, истифодаи васеи суннату унсурҳои меъмории миллӣ ва сифати масолеҳи сохтмон тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- барои баланд бардоштани сифати корҳои лоиҳакашӣ бо истифодаи технологияи инноватсионӣ, унсурҳои меъмории миллӣ ва таҷрибаи меъмории аврупоӣ ва муосир чораҷӯӣ намоянд;

- ҷиҳати бо сифати баланд ба анҷом расонидани таҳияи нақшаҳои генералии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дар асоси нақшаҳои генералии тасдиқшуда таҳия намудани нақшаҳои муфассали банақшагирии маркази шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо назар доштани рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ чораҷӯӣ намоянд;

- лоиҳаҳои инфрасохтори сайёҳии ба талаботи муосир ҷавобгӯйро пешниҳод намоянд;

- якҷо бо роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо мақсади дар сатҳи баланд ба анҷом расонидани корҳои созандагиву ободонӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои замонавии иншооти иҷтимоӣ-фарҳангиро таҳия намуда, ба фармоишгарону соҳибкорон пешниҳод намоянд.

- ҷиҳати дар дохил ва хориҷи кишвар омода намудани кадрҳои ҷавони сатҳи баланди соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд;

- ҷиҳати беҳбудии фаъолият, ба кор ҷалб намудани мутахассисони болаёқат, зиёд намудани ҳаҷми кор, ҳосилнокии меҳнат, маоши миёнаи коргарон, фоидаи корхона ва бартараф намудани қарзи андозу музди меҳнат чораҷӯӣ намоянд.

***12.*** Муовинони Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И., Мирзозода Н.Ю.), директори ҶСК “Саноатсоз” (Мализода Б.Ҳ.) ва директори ҶСК “Шаҳрофар” (Ишанов Б.М.) амалишавии лоиҳаи биноҳои нави Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

***13.*** Муовини Раиси Кумита (Мирзозода Н.Ю.), Раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмон (Ниёззода А.), Корхонаи воҳиди давлатии “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ” (Умаров У.Х.) ва Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон” (Каримзода А.Р.) оиди мукаммалсозии меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ва такмил додани системаи амалкунандаи нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон бо назардошти таҷрибаи муосир тадбирҳои иловагӣ андешанд.

- барои ба таври объективӣ муайян намудани арзиши корҳо ва нархи масолеҳ чораандешӣ намуда, бо мақсади дастгирии корхонаи ташкилотҳои ватанӣ барои ба Ахборотномаи ҳарсемоҳаи нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон ворид намудани маводҳои истеҳсоли ватанӣ бо корхонаю ташкилотҳои дахлдор ҳамкорӣ намоянд;

***14.*** Муовини Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И.), Раёсати шаҳрсозӣ (Искандаров Ф.С.) ва Муассисаи давлатии “Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ” (Сафарзода А.А.), роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд:

- баҳри марҳила ба марҳила татбиқ намудани нақшаҳои генералӣ, нақшаҳои муфассали банақшагирӣ ва лоиҳаҳои банақшагирии ноҳиявӣ чораҳои зарурӣ андешида, амалигардонии ҳуҷҷатҳои шаҳрсозиро таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд;

- ҳангоми баррасӣ ва мувофиқасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ба кашолкорӣ роҳ надода, мавриди интихоб ва додани қитъаҳои замин барои сохтмони иншооти таъиноти гуногун хулосабарориро дар асоси ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ бо назардошти риояи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ба роҳ монанд;

- ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №336 «Дар бораи сохтмони биноҳои на кам аз панҷошёнаи истиқоматӣ дар марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- ҷиҳати ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани корҳои ободонию бунёдкорӣ дар ҳар як деҳу маҳали аҳолинишини мамлакат лоиҳаҳои кории намунавии иншооти хизматрасониро ройгон ба муроҷиаткунандагон пешниҳод намоянд.

- бо мақсади дар сатҳи баланд ба анҷом расонидани корҳои созандагиву ободонӣ дар шаҳру ноҳияҳо чораҳои зарурӣ андешида, дар ҳамкорӣ бо Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ назорати сатҳу сифати корҳои сохтмониро ба роҳ монда, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда дар ин самт охири ҳар моҳ маълумот пешниҳод намоянд;

- оид ба додани иҷозат барои оғоз намудани корҳои сохтмонӣ дар давоми се рӯзи корӣ чораҷӯӣ намуда, ба Муассисаи давлатии “Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ” маълумот пешниҳод намоянд;

***15.*** Муовинони Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И., Мирзозода Н.Ю.), сардори раёсати шаҳрсозӣ (Искандаров Ф.С.) ва сардори шуъбаи ҳуқуқ (Нурализода Ш.Ш.) оид ба такмилдиҳӣ ва мукаммалсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи сохтмон мунтазам чора андешанд.

***16.*** Муовинони Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И., Мирзозода Н.Ю.), сардорони раёсату шуъбаҳо, бахшҳо, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи Кумита, роҳбарони мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо:

- ҷиҳати тақвият бахшидан ба татбиқи иҷро ва амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меъмориву шаҳрсозӣ ва сохтмон чораҷӯӣ намоянд;

- бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №1170 “Дар бораи “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намудани солҳои 2019-2021” ҷиҳати дар сатҳи баланд ба анҷом расонидани корҳои созандагиву ободонӣ дар деҳот ва ба роҳ мондани сохтмони иншоот ва маҷмааи инфрасохтори сайёҳӣ дар мавзеъҳои дахлдор дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

- бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши касбии мутахассисони соҳа, такмили ихтисос ва бозомӯзии онҳо, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ чораҷӯӣ намоянд;

- бо мақсади пешгирӣ ва бартарафсозии зуҳуроти коррупсионӣ, дар амал ҷорӣ намудани сиёсати мубориза бо коррупсия, таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Кумита дар бораи муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2019-2020 тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- ҳисоботҳои ҷамъбасти фаъолияти ҳар семоҳаро пурра ва мукаммал, бо таҳлили нишондодҳои иқтисодиву молиявӣ, дарҷи камбудӣ ва пешравиҳои ҷойдошта пешниҳод намоянд;

- обунашавиро ба ***«Рӯзномаи бинокорон»*** ва Маҷаллаи «Меъморӣ» барои соли 2020 тибқи нақша-супориши обунашавӣ то охири моҳи январи соли 2020 таъмин намуда, аз натиҷааш ба Кумита маълумот пешниҳод намоянд.

***17.*** Муовинони Раиси Кумита (Раҳматуллозода Ш.И., Мирзозода Н.Ю.), раёсати шаҳрсозӣ (Искандаров Ф.С.), раёсати корҳо (Наврӯзов Л.А.) ва шуъбаи ҳуқуқ (Нурализода Ш.Ш.) барои густариши ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо баҳри барпо намудани муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон мунтазам чораҳои зарурӣ андешанд.

***18.*** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовинони Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи салоҳияташон вогузор карда шавад.

***Раиси ҳайати мушовара Ҷамшед Аҳмадзода***

# МАҶМААИ ФАРҲАНГИЮ ТАЪРИХИИ «ҚАЛЪАИ ХУҶАНД» БАХШИДА БА 5500-СОЛАГИИ САРАЗМИ БОСТОНӢ АШЁИ ТАЪРИХӢ ХАРИД НАМУД

Бахшида ба 5500-солагии Саразми бостонӣ Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» барои ғанӣ гардонидани фонди осорхона ду ёдгории таърихӣ - лаълии мисӣ ва тӯмор (бозубанд) харидорӣ намуд.

Дар ин бора аз маркази матбуоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.

Бино ба иттилои манбаъ, осорхонаи мазкур ин ёдгориҳои таърихиро дар рӯзҳои аввали сол харидорӣ намудааст.

Лаълии мисӣ байзашакл буда, маркази он бо нақшҳои зооморфӣ оро дода шудааст. Дар дохили он 8 адад ҳайвони дарранда тасвир ёфтаанд. Дар гирди лаълӣ нақшҳои хати рост, даврача, ислимӣ, дандона ва нуқта акс ёфтаанд. Лаби лаълӣ аз қисми марказаш каме баландтар сохта шуда, ду паҳлӯи он даста дорад.

Ҳамчунин кормандони осорхона тӯмор (бозубанд)-еро харидорӣ намуданд, ки он аз маводи нуқра ба шакли найча сохта шуда, аз ду тараф сӯрохӣ ва ду сарпӯши қуббамонанд дорад.

Сохти ин бозёфтҳои таърихӣ тахминан ба нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мансубият дорад.

Аз ин лиҳоз моро зарур аст, ки ёдгориҳои таърихии худро ҳифз намуда, ба онҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сарнавишти миллати куҳанбунёдамон муносибат намоем.

Муассисаи давлатии маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» фаъолияти худро ба ҳамин мақсад равона намуда, барои ғанӣ гардонидани фонди осорхона дар оянда низ ҷамъоварӣ ва хариди ашёи таърихиро ба роҳ мемонад.

***АМИТ «Ховар»***

**КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

**аз «20» декабри соли 2019, №124/ф, ш. Душанбе**

***Дар бораи тасдиқи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи низоми ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲРС ҶТ 40-201-2019) «Дастур оид ба лоиҳакашии системаҳои обтаъминкунӣ дар таркиби нақшаҳои генералӣ ва чоҳҳои обгири деҳот (ба МҚШ ҶТ 40-06-2017)»***

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

***1.*** Ҳуҷҷати роҳбарикунандаи низоми ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲРС ҶТ 40-201-2019) «Дастур оид ба лоиҳакашии системаҳои обтаъминкунӣ дар таркиби нақшаҳои генералӣ ва чоҳҳои обгири деҳот (ба МҚШ ҶТ 40-06-2017)» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

***2.*** Фармоиши мазкур дар «Рӯзномаи бинокорон», маҷаллаи «Меъморӣ» ва сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.tajsohtmon.tj) интишор карда шавад.

***3.*** Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи салоҳият вогузор карда шавад.

***Раиси Кумита Ҷамшед Аҳмадзода***

**КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

**аз «23» январи соли 2020, №13/ф, ш. Душанбе**

***Дар бораи тасдиқи ҳуҷҷати роҳбарикунандаи низоми ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲРС ҶТ 23-201-2019) «Дастури методӣ оид ба муайян намудани реҷаи гармӣ - намнокии конструксияҳои иҳотагир ва конденсатсияи (ҷамъшавии намӣ) рутубат дар ғафсии иҳотагир»***

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

***1.*** Ҳуҷҷати роҳбарикунандаи низоми ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲРС ҶТ 23-201-2019) «Дастури методӣ оид ба муайян намудани реҷаи гармӣ-намнокии конструксияҳои иҳотагир ва конденсатсияи (ҷамъшавии намӣ) рутубат дар ғафсии иҳотагир» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

***2.*** Фармоиши мазкур дар «Рӯзномаи бинокорон», маҷаллаи «Меъморӣ» ва сомонаи расмии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.tajsohtmon.tj) интишор карда шавад.

***3.*** Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи салоҳият вогузор карда шавад.

***Раиси Кумита Ҷамшед Аҳмадзода***

## НАВИДИ СУҒД

### ТЕЪДОДИ МАНЗИЛҲОИ ИСТИҚОМАТӢ МЕАФЗОЯД

Дар ноҳияи Зафаробод сохтмони манзилҳои шахсӣ нисбат ба солҳои қаблӣ афзуданд. Бино ба иттилои оморӣ соли 2019 дар қаламрави ноҳияи мазкур 189 адад сохтмони манзили истиқоматӣ дар масоҳати 16 ҳазору 168 метри мураббаъ ба истифода дода шуд. Соли 2018 бошад, ҳамагӣ 136 ададро ташкил медод. Дар маҷмуъ, дар ноҳияи Зафаробод сохтмони манзили истиқоматӣ дар қиёс ба соли пеш 27,7 дар сад зиёд гаштааст.

### ТАЪМИРИ БИНОҲО АНҶОМ ЁФТАНД

Сохтмони иншооти дорои аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию варзишӣ соли 2019 дар яке аз ноҳияҳои калонтарини кишвар - Бобоҷон Ғафуров вусъати тоза пайдо кард. Бинокорон тавонистанд дар ин фосилаи вақт дар қаламрави ноҳия 4 муассисаи таълимӣ, 4 адад томактабӣ, 2 беморхона, 1 маркази саломатӣ, 9 бунгоҳи тиббӣ, 11 толори варзишӣ, 45 майдончаҳои варзишӣ, 11 адад кошонаи ҳусн, 4 ҳаммом, 18 сартарошхона, 6 нуқтаи таваллудро бунёд ва таъмир намоянд.



### ҲАДЯИ СОҲИБКОРОН БА СОКИНОНИ НОҲИЯИ СПИТАМЕН

Ҷиҳати истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз дар ноҳияи Спитамен низ соли сипаришуда иншооти зиёди сохтмонӣ: манзил, нуктаҳои савдо, хизматрасонӣ ва маъмурӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Аз ҷумла, бо маблағгузории буҷети маҳаллӣ ва дастгирии бевоситаи соҳибкорон ва саховатмандони ноҳия як бинои дуошёна бо синфҳои иловагии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 дар ҷамоати деҳоти Истиқлол барои 550 нафар хонандагон, маҷмааи варзишии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ О. Абдураҳмонов дар ҷамоати деҳоти Куруш ва аз ҷониби соҳибкор М. Самадов дар ҷамоати шаҳраки Навкат, 13 маҷмааи варзишӣ аз ҷониби ҶДММ «Спитаментекстайлз» дар ҷамоатҳои деҳоти Сарбанд, Тағояк, Истиқлол, Хуррамзамин ва Ӯлҷабоев сохта ба истифода доданд.

Илова бар ин, кормандони адлияи ноҳияи мазкур низ соли 2019 соҳиби бинои нав гаштанд. Бошандагони ҷамоати шаҳраки Навкатро хурсандие беше дар соли гузашта насиб шуд - ин ҷо бо маблағгузории соҳибкор А. Каримов бинои сеошёнаи маркази хизматрасонии маишӣ ва қаҳвахонаи «Нури Спитамен» мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, ҳусни шаҳракро боз ҳам зеботар кард.

### ГУЛИСТОН - ШАҲРИ ОБОДОН

Шаҳри қолинбофону энергетикҳо, шаҳри моҳидорону геологҳо ва сайёҳон - Гулистон низ рӯз ба рӯз бо бунёд ёфтани иншооти замонавии иҷтимоиву фарҳангӣ, варзишӣ басо зебову дилрабо мегардад. Сокинони шаҳри соҳили «Баҳри Тоҷик» дар соли сипаришуда соҳиби боғи фарҳангию фароғатӣ барои наврасон дар даромадгоҳи шаҳр, дар маҷмуъ 18 майдончаҳои варзишӣ назди биноҳои истиқоматӣ ва канори соҳили «Баҳри тоҷик» шуданд.

Беҳтарин тӯҳфае, ки аҳолии шаҳр соҳиб шуду боиси ифтихори онҳост, ин парчами Тоҷикистон дар маркази шаҳр бо фаввораҳову майдони сарсабз ва рамзи Тоҷикистон назди МИҲД-ии шаҳр бо майдони фароғатӣ мебошанд, ки симои шаҳрро таровати тозае бахшиданд.

Ҳоло дар соҳили «Баҳри тоҷик» боз бунёди иншооти муосири ҷавобгӯй ба талаботи ҷаҳонии меъморӣ идома доранд, ки дар ҷашни Наврӯзи имсола дарҳои худро ба сокинони шаҳр ва меҳмонон боз хоҳанд кард.

***Ҷовиди АШТӢ***

# ПРОФЕССОР НАСРУЛЛО УБАЙДУЛЛО: «ТУҲФАИ «ТОҶИКОН» БА ҲАР ХОНАДОНИ КИШВАР - ИҚДОМИ БЕНАЗИРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАҲРИКДИҲАНДАИ ЭҲСОСИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ»

*Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 декабри соли 2019 зимни пешниҳоди Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи кунунии инкишофи ҷумҳурӣ афзалиятро бештар ба соҳаҳои илму маориф дода, дар бораи омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик ва арҷ гузоштан ба аҷдодони худ дастуру супоришҳо доданд. Дар робита ба ин мавзуъ хабарнигори АМИТ «Ховар» Мавҷуда АНВАРӢ бо доктори илмҳои таърих, профессор, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Насрулло УБАЙДУЛЛО суҳбат намуд, ки онро пешкаши Шумоён - хонандагони азиз менамоем.*

***- Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш ба нақши китобхонаҳо ҳамчун маркази муҳими илму фарҳанг ва омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ, муҳимтарин воситаи баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии сокинон ва пешрафти тафаккуру ҷаҳонбинии онҳо бештар таваҷҷуҳ намуданд. Миллати соҳибфарҳанги мо дар тӯли ҳазорсолаҳо дар минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросон китобхонаҳои азим бунёд менамуд. Аз он махзани бузург натанҳо аҳли адабу мансаб, балки фақирони дигар қишрҳои ҷомеа низ метавонистанд истифода баранд. Дастури Пешвои миллат ба ҷомеаи кунунӣ доир ба хондани китоби бадеӣ ва ҳифзи асарҳои манзуму мансури адибони гузаштаву муосир ба чӣ хотир аст?***

- Сарвари давлат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат дар баробари рушди илму маориф ва сифати таълиму тарбия ба нақши китобхонаҳо ҳамчун маркази муҳими илму фарҳанг ва омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ, муҳимтарин воситаи баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии сокинон ва пешрафти тафаккуру ҷаҳонбинии онҳо бештар таваҷҷуҳ намуданд, ки ин бесабаб нест. Зеро дар шароити рушди босуръати технологияи иттилоотии имрӯза, ки аз кӯчактарин то бузургтарин аҳли ҷомеа аз истифодаи фаъоли он бархӯрдор аст, таваҷҷуҳ ба китоб ва китобхонӣ, махсусан дар байни насли наврас ва ҷавонон ба маротиб коҳиш ёфтааст. Ташкили чорабиниҳои сатҳи гуногун, озмунҳо, ба мисли Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ…», зиёд намудани теъдоди китобхонаҳо, нуқтаҳои паҳнкунанда ва фурӯши китоб, аз ҷумла, китобҳои электронӣ ва дигар маъракаю ҳамоишҳо тадбири муҳиме дар роҳи ҷалб намудани аҳли ҷомеа ба хониши мустақилонаи китоб мебошанд.

Тоҷикон таърихан ва табиатан мардуми соҳибфарҳанг, тамаддунофар, китобдору китобхонанд ва кам нестанд шумораи китобҳое, ки имрӯз хондани он ба ҳар як фарди ҷумҳурии соҳибистиқлол зарур ва ҳатмӣ аст. Дастури Пешвои миллат ба ҷомеаи кунунӣ доир ба хондани китоби бадеӣ ва ҳифзи асарҳои манзуму мансури адибони гузаштаву муосир ба хотири баланд бардоштани сатҳи маънавиёти аҳолӣ ҳидояти сариваќтӣ ва хирадмандона аст.

***- Пешвои миллат инчунин дар Паёми хеш ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров - «Тоҷикон»-ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз номи Сарвари давлат ба ҳар як оилаи мамлакат туҳфа намоянд. Ба андешаи шумо, омӯзиши ин асари бунёдӣ ва чопу дастраси ҳар хонаводаи мамлакат намудани ин китоби арзишманд чӣ аҳамият дорад?***

- Бешак, яке аз китобҳое, ки хондани он ба сокинони мамлакат ва ҳар нафар тоҷики худшинос заруру воҷиб аст, ин «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров мебошад. «Арзиши илмии ин асари бунёдӣ, - таъкид менамоянд Пешвои миллат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ, - бениҳоят бузург аст ва Бобоҷон Ғафуров бо заҳмати чандинсолаи худ мо ва мардуми ҷаҳонро бо саҳифаҳои таърихи рангини миллатамон шинос кард».

Аз ин рӯ, иқдоми Пешвои миллат дар самти тавассути фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп ва дастраси ҳар хонаводаи мамлакат намудани ин китоби арзишманд бисёр беназир буда, таҳрикдиҳандаи эҳсоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ниҳоди ҳар сокини кишварамон хоҳад гардид.

Воқеан, таърихи пурифтихори халқи тоҷик бузургтарин мактаби худшиносӣ барои сокинони мамлакат, ба вижа наврасону ҷавонони он мебошад. Роҳи асосии шиносоии ҷавонону калонсолони мамлакат бо ин мактаб - омӯзиши адабиёти илмию




бадеии таърихӣ аст. Танҳо бо хондану омӯзиши чунин асарҳо насли имрӯза ва ояндаи ҷумҳурӣ дар рӯҳияи меҳанпарастию миллатдӯстӣ ва худшиносию дарки ҳувияти миллӣ тарбия ёфта, аз саҳифаҳои дурахшон, қаҳрамонию диловарии гузаштагон, нақши пешгузаштагони худ дар таърих ва тамаддуни ҷаҳонӣ огаҳӣ пайдо менамоянд.

***- Олимон бар ин назаранд, ки ин китоби пурарзиш дар баробари «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакри Наршахӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк чун шиносномаи халқи тоҷик барои асрҳои оянда низ хизмат менамояд. Шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун асари бунёдии таҳқиқотӣ дар илми таърих ва ховаршиносии ҷаҳон чӣ гуна мақомро ишғол менамояд?***

- Академик Бобоҷон Ғафуров, ки худ бешак дар саргаҳи омӯзиши илмии таърихи халқи тоҷик ва ташаккули таърихшиносии миллӣ меистод ва ин китобро дар шароити бениҳоят вазнин офарида буд. Бо таълифи ин асар ӯ ба онҳое, ки бо хар роҳу восита тоҷиконро ҳамчун халқи соҳибтаъриху тамаддунофар ва сокинони аслии марзу буми минтақа нодида мегирифтанд, зарбаи қотеъона зад.

Аз «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», ки ҳанӯз соли 1947 бо забони тоҷикӣ нашр шуда буд ва баъдан шакли таҳкимёфта ва пурратари он бо забони русӣ (се маротиба дар Маскав нашр шудааст) то нашри русии «Тоҷикон» (соли 1972) ва нашри тоҷикии он (солҳои 1983, 1985) дар такя ба консепсияи қавии илмӣ таърихи тӯлонии халқи тоҷик бо тамоми паҳлуҳояш ба риштаи тасвир кашида шудааст.

«Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар заминаи асноду далел, бо истифода аз сарчашмаю мадракҳои таърихӣ ва таҳлили дақиқонаи пажӯҳишҳои илмии таърихшиносию ховаршиносии ватанию хориҷӣ таълиф гардидааст. Шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун асари бунёдии таҳқиқотӣ аз рӯзи аввал дар илми таърих ва ховаршиносии ҷаҳон мақоми арзанда ишғол намуд, ки шаҳодати ин чоп шудани тақризҳои зиёд аз тарафи олимони шинохта ва тарҷума гардидани он ба забонҳои гуногун дар давлатҳои хориҷӣ мебошад. Олими барҷаста, ки худ муддати зиёда аз 20 сол сарварии Институти шарқшиносмии Академияи илмҳои собиқ ИҶШС-ро ба зимма дошт ва тавонист обрӯю нуфузи ин пажуҳишгоҳи илмиро ба сатҳи ҷаҳонӣ бардорад, ба таърихи миллати хеш аз мавқеи воқеият, бо асноду далели қавӣ дар чаҳорчӯбаи муқаррар намудаи илми замон ҳамчун ҷузъи таркибии таърихи умумибашарӣ муносибат намудааст.

***- Бале, Шумо дуруст мегӯед, академик Бобоҷон Ғафуров ягона олими тоҷик буд, ки ӯро чун сиёсатмадори варзида дар миқёси ҷаҳон, хусусан дар Шарқ хуб мешинохтанд. Бо ташаббус ва зери таҳрири ӯ танҳо бо забони англисӣ қариб 30 асар дар мавзуъҳои муҳими таърихи мамлакатҳои Шарқ нашр гардидаанд…***

- Ҳамин тавр аст, академик Бобоҷон Ғафуров таърихи халқи худро дар робита ба таърихи бою рангини Шарқ ва дар пайвастагӣ бо таърихи дигар сокинони минтақа таҳқиқ намуда, дар баробари тоҷикон нақши онҳоро низ дар рушди минтақа нишон додааст.

Бобоҷон Ғафуров бо чопи ин шоҳасар исбот намуд, ки тоҷикон дорои таърихи бениҳоят бой ва тӯлонӣ ҳастанд ва ниёзе ба таърихи сохтаю бофта ё таҳрифи таърих надоранд. Ӯ дар ҳама ҳолат ҳангоми пажуҳиши ин ё он масъала ҳадди муайяну заруриро нигоҳ медошт ва пайваста таъкид менамуд, ки «ҳадде ҳаст, ки аз он гузаштани таърихшинос мумкин нест, зеро агар вай аз ин ҳад гузарад, таърихшинос не, балки қиссапардоз мешавад».

Олими шинохта тавассути асарҳои хеш, махсусан «Тоҷикон» ба мо ва оламиён саҳифаҳои таърихи бою рангини миллати тамаддунофари тоҷикро бо ҳама бурду бохташ нишон дода, муқаррар намуд, ки ин халқ дорои таърихи зиёда аз шашҳазорсола буда, сокинони аслии Хуросону Варорӯд, офарандагони тамаддуни минтақа ва оину суннатҳои наҷиби то имрӯз побарҷои аҷдодӣ мебошад. Тоҷикон дар масири таърих ҳамеша ҳамчун мардуми давлатсозу давлатдор, эҷодкору бунёдкор, тамаддунсозу сулҳофар ва дар баробари ин муборизи роҳи озодию истиқлолият, ҳомии марзу бум ва суннатҳои аҷдодӣ, забони модарӣ ва фарҳанги ниёкон тасвир ёфтаанд. Аз саҳифаҳои ин асар бармеояд, ки миллати тоҷик ҳамеша аз ҳама гуна гирдобу кӯрдуди замона, ки бисёри он ҷонкоҳу камаршикан буд, натанҳо зиндаву саломат берун омад, балки дар фурсати ками ба даст омада аз нав қомат меафрохт ва эҳё мешуд.

***- Вазъияти ҷаҳони мутамаддин тақозо мекунад, ки ҳар як шаҳрванди мамлакат бояд аз гузаштаи худ огоҳ бошад. Ба андешаи Шумо дар ҳимояи муқаддасоти милливу давлатӣ ва эҳёи суннатҳои волои давлатдорию фарҳангӣ мо бояд бештар ба чӣ таваҷҷуҳ намоем?***

- Имрӯз дар шароити соҳибистиқлолӣ, бунёди давлати комилан нави миллӣ, эҳёи суннатҳои волои давлатдорию фарҳангӣ моро зарур аст мисли академик Бобоҷон Ғафуров ба шинохти дурусти таърих, тарғиби мероси маънавӣ ва суннату ойинҳои мардумӣ, ки тайи асрҳо дар хотираи таърихии миллати тоҷик нақш бастаанд, боз бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ бори дигар таъкид намуданд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Дар ин росто бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик пешниҳоди Пешвои миллат доир ба чопи «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва аз номи Сарвари давлат ба ҳар як оилаи мамлакат туҳфа шудани он иқдоми наҷибона ва хирадмандона мебошад.



# БОЗДИДИ БЕШ АЗ 20 ҲАЗОР НАФАР САЙЁҲ АЗ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

Дар натиҷаи тарғибу ташвиқи имкониятҳои минтақа соли гузашта ба ноҳияи Данғара беш аз 20 ҳазор нафар сайёҳи дохилӣ ва қариб 2 ҳазор нафар сайёҳи хориҷӣ омада, мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва сайёҳии ноҳия дидан намуданд. Дар ин бора Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати мамлакат хабар медиҳад.

Тибқи иттилои сарчашма, дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, бо мақсади татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ соли 2019 дар ноҳияи Данғара бахри бештар ҷалб намудани сайёҳони дохилию хориҷӣ бо ташаббуси Кумитаи рушди сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ чорабиниҳои зиёди тарғиботӣ анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, ҷиҳати фароҳам овардани шароити арзанда ва инфрасохтори сайёҳии ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои муосир Барномаи рушди сайёҳӣ дар ноҳия барои солҳои 2018-2020 қабул гардид.

Бо мақсади ҷалби бештари сайёҳон ва рушди сайёҳӣ дар минтақа дар ноҳияи Данғара хатсайрҳои сайёҳии нав, назири хатсайри сайёҳии Данғара-Пушинг таъсис дода шуд. Он самараи ҳамкории судманди Кумитаи рушди сайёҳӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара мебошад.

Имкониятҳои ноҳияи Данғара барои рушди намудҳои сайёҳии кишоварзӣ ва гастрономию экологӣ хеле мувофиқ буда, аз рӯи таҳлилҳо сайёҳон асосан мавсими баҳору Наврӯз аз талу теппаҳои лолазор, алафзор, гиёҳҳои худрӯю шифобахши минтақа боздид намуда, ҳаловат мебаранд.

Сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ асосан аз мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва сайёҳии ноҳия, ба монанди Осорхонаи овони мактаббачагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи литсейи президентӣ, мавзеи «Хуррамшаҳр», мавзеи таърихӣ ва сайёҳии деҳаи Пушинг, Қасри фарҳанги ноҳия, Осорхона - мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара, «Сангтӯда», мавзеи «Хуталон», Хоҷашақиқи Балхӣ, Мавлоно Тоҷиддин, Мавлоно Обиддин, шаҳиди «Сари Қалъа», чашмаи «Нуқра» ва дигар мавзеъҳои дорои имкониятҳои сайёҳӣ дидан менамоянд.

Айни замон дар ноҳияи Данғара 7 меҳмонхонаи замонавӣ, 6 мавзеи сайёҳӣ, 2 истироҳатгоҳу осоишгоҳ, 8 тарабхонаи муосир 2 осорхона, 26 ёдгории таърихию фарҳангӣ, 22 маркази хизматрасонии бонкӣ, 2 мағозаи фурӯши армуғон, 4 зиёратгоҳ ва 1 боғи фарҳангию фароғатӣ мавҷуд мебошад.

Бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҷамоати деҳоти Пушинги ноҳия растаи ҳунарҳои мардумӣ таъсис дода шуд, ки айни замон ҳунармандон дар ин раста маҳсулоти худро ба фурӯш мебароранд.

Маҳз соли 2019 дар ноҳия 3 меҳмонхонаи замонавӣ, 2 тарабхонаи муосир, 1 ширкати сайёҳӣ бо номи «Хуталон» ва 1 мағозаи фурӯши армуғонҳо мавриди истифодаи сайёҳони дохилию хориҷӣ қарор дода шуд.

Ҳамчунин дар назди Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон клуби саёҳатчиён таъсис дода шудааст, ки аъзои он аз мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва сайёҳии вилояти Хатлон дидан намуда, маводи тарғиботиро гирдоварӣ намуданд.

Тадбирҳои роҳандозишуда ба баланд бардоштани фаҳмиши ҷомеа ҷиҳати оқилона истифода намудани иқтидори мавҷуда мусоидат карда, инчунин ба рушди сайёҳии ноҳия такони ҷиддӣ мебахшанд. Ҳамзамон ба ин восита соҳаи мазкур марҳила ба марҳила ба яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти ин ҳудуди маъмурӣ табдил меёбад.

# НАМОЯНДАГОНИ ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ УСУЛҲОИ ҲИФЗИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАРО ОМӮХТАНД



Ба кормандони ширкатҳои сайёҳии вилояти Хатлон тарзи банақшагирии чораҳо оид ба ҳифзи сайёҳон аз ҳолатҳои фавқулода ҳангоми сафарҳо, ҳамчунин бақайдгирии онҳо дар Тоҷикистон омӯзонида шуд. Дар ин бора маркази матбуоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании мамлакат хабар медиҳад.

Бо мақсади таҳкими ҳамкории дуҷонибаи судманд ва танзими фаъолияти сайёҳӣ дар Тоҷикистон, ҳамчунин дар доираи чорабиниҳои амалишаванда бахшида ба Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, дар шуъбаи байниминтақавии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ оид ба минтақаи Кӯлоб барои намояндагони ширкатҳои сайёҳӣ, ки дар қаламрави вилояти Хатлон амал мекунанд, курсҳои омӯзишӣ ташкил карда шуданд.

«Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва таъмини бехатарӣ ҳангоми ҳодисаҳои нохуш ва ҳолатҳои фавқулода, ҳамчунин масъалаҳои ҳамкории ширкатҳои сайёҳӣ бо Кумитаи мазкур баррасӣ гардиданд», - иттилоъ доданд аз Кумита.

Дар бобати таҳкими ҳамкории минбаъдаи ширкатҳои сайёҳӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ ва тарғиби сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ ба иштирокчиён техника ва таҷҳизоти махсусе, ки наҷотдиҳандагони Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ ҳамарӯза аз он истифода мебаранд, намоиш дода шуданд.

# ДАР НОҲИЯИ РАШТ ХАРИТАИ САЙЁҲӢ ОМОДА КАРДА ШУД



Бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва ҷалби бештари гардишгарон дар ноҳияи Рашт харитаи сайёҳӣ омода карда шуда, дар яке аз мавзеъҳои сайёҳӣ - даромадгоҳи ноҳия насб карда шуд.

Соли гузашта аз мавзеъҳои сайёҳии ноҳияи Рашт 2273 нафар сайёҳи дохилию хориҷӣ боздид намудаанд. Тавре аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт хабар доданд, барои ҷалби бештари сайёҳони хориҷӣ, пеш аз ҳама, зарур омад, ки мавзеъҳои сайёҳии ноҳия муаррифӣ шаванд.

Ҳамзамон 6 хатсайри сайёҳӣ, аз қабили «Душанбе-Рашт-дараҳои Ҷафр-Камароб», «Душанбе-Рашт-дараҳои Ҷафр-Ҳоит», «Рашт-дараҳои Камароб-Тагоба», «Рашт-дараи Ҷафр», «Рашт-Ҳоит» ва «Рашт-Шамар» ташкил карда шуданд. Инчунин барои амалӣ намудани хатсайрҳои таҳиягардида аз ҷониби бахши рушди сайёҳии ноҳия дар ҳамкорӣ бо ширкати сайёҳии «Ҷавоҳир-сайр» 26 нафар роҳбалад омода гардиданд.

Дар ноҳия бо мақсади рушди минбаъдаи ин соҳа ва муайян намудани имкониятҳои сайёҳӣ «Барномаи рушди сайёҳӣ дар ноҳияи Рашт барои солҳои 2018-2020» қабул гардида, таблиғи мавзеъҳои сайёҳӣ тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва интернетӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст.

Имрӯзҳо дар ноҳияи Рашт 3 меҳмонхона, 2 ҳомстей, 1 гестҳавз (меҳмонхонаи хурд), 20 ошхонаю тарабхона, 2 осорхона, 2 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 боғи ботаникӣ-фарҳангӣ, 7 нуқтаи хӯроки тезтайёр, 1 маркази иттилоотӣ, 1 маркази ҳунармандию фурӯши армуғонҳои миллӣ ва 1 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд, ки дар рушди сайёҳӣ заминаи мусоид мегузоранд.

**АМИТ «Ховар»**

# ШОҲРОҲИ АБРЕШИМИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ДАҲГОНАИ БЕҲТАРИН МИНТАҚАИ САЙЁҲӢ ДАР МАҚОМИ АВВАЛ ҚАРОР ГИРИФТ



Дар назарсанҷии маҷаллаи байналмилалии бонуфузи «Lonely Planet» миёни 10 минтақаи беҳтарини саёҳат ва сафар Шоҳроҳи Абрешими Осиёи Марказӣ дар мақоми аввал қарор гирифт. Ин назарсанҷиро «Lonely Planet» дар нашрияи солонаи худ вобаста ба 10 кишварҳои беҳтарини саёҳат, шаҳрҳои беҳтарини сайёҳӣ, минтақаҳои беҳтарин ва арзишҳои беҳтарини саёҳат ва сафар арзёбӣ намудааст.

Мавриди зикр аст, ки занҷираи тиҷоратии машҳури Шоҳроҳи Абрешим дар меҳвари таваҷҷӯҳи ҷаҳонгардони алоқаманди саёҳатҳои саргузаштӣ қарор гирифтааст. Шаҳрҳои қадим, бозорҳои пурғавғо ва манзараҳои дилфиреби Осиёи Марказӣ шумораи зиёди сайёҳонеро, ки ҷӯёи ҳодисаю воқеаҳо дар ин масири таърихии машҳур мебошанд, торафт бештар ба худ ҷалб менамояд.

Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо низоми соддагардонидашудаи раводид барои аксар шаҳрвандони мамолики дунё, инчунин бо пешсафӣ дар ҷорӣ намудани низоми раводиди электронӣ дар сарҳати ахбори минтақаи даҳгона қарор гирифтаанд.

«Дар байни шаҳракҳое, ки аз хиштҳои гилӣ бунёд гардидаанд, шумо қаторкӯҳҳои Фон, Помир, Олой ва Тиёншонро убур карда, ба кӯлҳое, ки дар баландкӯҳҳои дастнорас ҷойгиранд, меравед ё аз меҳмоннавозии саховатмандонаи оилаи кишварҳои Осиёи Марказӣ лаззат мебаред ва ё бо манзараҳои дилфиреби кӯҳҳо меравед. Низоми такмилёфтаи шоҳроҳҳо ва роҳҳои оҳан сафарро назар ба панҷ соли пеш бароҳаттар менамоянд» - чунин менигорад маҷалла.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, дар Паёми имсола зикр карданд, ки рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати мо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд.

Пешниҳоди раводиди бисёркаратаи панҷсола барои соҳибкорони хориҷие, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамоянд, ба хотири муҳайё кардани шароити муосири таълимӣ барои тарбияи кадрҳо дар заминаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат таъсис додани Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, бо мақсади ҷалби ҳарчӣ бештари сайёҳони хориҷӣ, ҷорӣ намудани раводиди навъи сайёҳии бисёркарата ва дароз намудан муҳлати он то 60 рӯз ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби сода гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, пешниҳоди раводиди бисёркаратаи сесола бо мақсади содагардонии рафтуомади ҳамватанони бурунмарзие, ки зодагони Тоҷикистон мебошанд, аз муҳимтарин тадбирҳое маҳсуб меёбанд, ки дар Паёми имсола аз ҷониби Пешвои миллат пешниҳод гардид ва он мавқеи Тоҷикистонро дар соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳон боз ҳам устувортар мегардонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зимни ташриф ба Тоҷикистон сайёҳони хориҷӣ ба намудҳои сайёҳии табобатӣ солимгардонӣ, экологӣ, кӯҳнавардӣ, шикор ва сайёҳии зиёратӣ бештар майлу рағбат доранд.

Айни замон, ҳамкориҳои байни ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, хатсайрҳои минтақавӣ низ амалӣ шуда истодааст. Ин омил имконият медиҳад, ки сайёҳони хориҷӣ зимни саёҳати худ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ якбора аз се кишвари дорои пайроҳаи Шоҳроҳи Абрешим - Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон дидан намоянд.

Қобили зикр аст, ки «Lonely Planet» яке аз нашрияҳои бузурги англисзабон буда, аз соли 1972 фаъолияти худро оғоз намуда, наздики 300 муаллиф дорад ва қароргоҳи он дар Австралия воқеъ мебошад.

«Lonely Planet» аз нашрияҳои расмиест, ки барои сайёҳон дастуру роҳнамоҳо интишор менамояд. Ҳамчунин, нашрияи мазкур зиёда аз 500 номгӯи роҳнамо, машваратчӣ ва китобҳои муҳовараро бо ҳашт забони ҷаҳон нашр мекунад. Соли 2012 роҳнамои «Lonely Planet» ба забони русӣ ба нашр шурӯъ кард. Теъдоди солонаи нашри ин маҷалла ба 6 миллион нусха мерасад.

Ба қатори 10 минтақаи беҳтарин, инчунин дар ҷойҳои 2-Ле Марше, Италия, 3-Тоҳоку, Ҷопон, 4-Мэн, ИМА, 5-Ҷазираҳои Лорд-Ҳау, Австралия, 6-Вилояти Гуйчжоу, Чин, 7-Вилояти Кадиз, Испания, 8-Шимолу Шарқи Аргентина, 9-Халиҷи Кварнер, Хорватия шомил шудаанд.

### ТАҶРИБАҲОИ ФАРОМӮШНАШАВАНДА АЗ САФАР БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

• Мушоҳидаи тулӯи офтоб аз болои се мадрасаи Регистони Самарқанд, замоне ки дар наздикии он азон барои даъват ба намоз меҳонанд ва нурҳои офтоб зулмотро фурӯ мебаранд.

• Роҳи Абрешим - сафар тариқи шоҳроҳи Помир, ки ба сафаркунандагон имкони шиносоӣ бо мушкилоти сафар ба ин минтақаи ҷолиб, ки аз ёдгориҳои фарҳангӣ ва зебоиҳои табиӣ бой аст ва таваҷҷӯҳи ҷаҳонгардони машҳур, ба монанди Марко Полоро ба худ ҷалб намудааст, медиҳад.

• Истиқомат дар юртаҳои қирғизҳои бодиянишин, ки тобистонро дар он ҷо мегузаронанд.

### ВАҚТИ МУВОФИҚИ САФАР

• Дар охири баҳор (апрел) кӯҳҳои Тоҷикистон ва Қирғизистонро гулҳои баҳорӣ фаро мегиранд. Тобистон (июн-август) мавсими хуби саёҳати кӯҳӣ бо аспҳо мебошад. Аммо дар биёбонҳо ҳаво гарми тоқатфарсо мегардад. Сентябр - беҳтарин вақт барои сафар ба ҳама манотиқ мебошад. Сайёҳии зимистон дар ҳоли рушд аст ва мавсими он аз моҳи декабр оғоз мегардад.

### ХАТСАЙР

Се ҳафта дар Роҳи Абрешим

• Шиносоӣ бо таърихи 5500-солаи мавзеи таърихии Саразм дар водии Зарафшони Тоҷикистон.

• Убури долони Вахон барои тамошои кӯҳҳои Ҳиндукуш ва сафар ба қалъаи Ямчун, ки замоне қароргоҳи муҳим дар шоҳроҳи Абрешим буд.

• Сафар ба Ичон-Қалъаи Хива. Шаҳрак дар биёбони Қизилқум, ки бо деворҳои таърихӣ иҳота гардидаанд ва он чун осорхона амал мекунад.

• Баҳравар шудан аз мадрасаҳои Регистони Самарқанд.

# MADE IN TAJIKISTAN. СОДИРОТИ МАҲСУЛОТИ ТАВЛИДОТИИ ТОҶИКИСТОН БА БОЗОРҲОИ ҶАҲОНӢ РӮ БА АФЗОИШ АСТ



Маҳсулоти тавлидотии Тоҷикистон зери тамғаи «MADE IN TAJIKISTAN» ба бозорҳои ҷаҳон роҳ ёфта, содироти он рӯ ба афзоиш аст. Бори нахуст дар таърихи саноати хӯроквории мамлакат содирот шудани маҳсулоти консервашудаи «Пиёзи анзур» ва «Ғӯраоб» ба Амрико, хушкмеваи «Тут» ба Туркия, нӯшобаи «Хуч» ва афшураи «Зардолу» ба Литва, обҳои маъданию ошомидании «Хаватаг», «Оби Зулол» ва «Сиёма» ба Озарбойҷону Аморати Мутаҳидаи Араб шаҳодати ин гуфтаҳост.

Тавре аз Вазорати саноати мамлакат иттилоъ доданд, ҳоло дар саноати хӯроквории беш аз 480 корхона ба истеҳсоли маҳсулоти ғизоии саноатӣ машғул буда, дар онҳо зиёда аз даҳ ҳазор нафар коргарону мутахассисон фаъолият доранд. Тибқи иттилои сарчашма, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯроквории дар соли 2019 беш аз 5 миллиарду 373 миллион сомониро ташкил дод, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум наздик ба 110 фоиз ё беш аз 450 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Бо зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоии саноатӣ, дар баробари таъмини бозори истеъмолии кишвар, содироти он мунтазам афзоиш ёфта, дар соли 2019 маблағи 121,9 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,6 баробар ва ё беш аз 74 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

**АМИТ «Ховар»**

# КРОССВОРД

- Мусичаи ... (беайб)
- Ҷамшед ..., овозхон
- «Манчестер ...» - тими футболи Англия
- Хашароти калони сабз
- Шаҳр дар Гурҷистон
- Фиребгар, маккор
- Шакли кӯтоҳи номи Юрий
- ... Мирзо (ҳиндӣ)
- Ҳукмшуда
- Асъори Албания
- Давлат дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ
- Ҳарфи сеюми алифбои юнонӣ
- Додар (лаҳҷа)
- Шаҳр дар Чат
- Худованд
- Гиёҳи баҳорӣ
- Тарсидан
- Гиёҳи шифобахш
- Мусиқии рақамноки бастакор
- Шаҳр дар кишвари Красноярск
- Завҷаи Адам (русӣ)
- Либоси варзишӣ
- Рақами мушаххаси андозсупор
- ... Девган, актёри ҳиндӣ
- Маъшуқаи Рӯдакӣ (филм)
- “Старсат” – и антенаи параболӣ
- Намоиши эстрадӣ ё телевизионӣ
- Фигураи геометрӣ
- Донандаи илмҳо, бисёр доно
- Навъи амортизатори автомашина
- ... Хон, ситораи кинои ҳиндӣ
- Тамғаи автомобили Корея
- Яке аз чор ёрони Паёмбар
- Тамғаи автомат
- Илми кайҳоннавард
- Ҷои баромадани дуд
- Ҳайвони ба сагу гург монанд
- Кашфкунандаи Австралия
- Шаҳр - бандар дар Фаронса
- Ҳикоя кардан, баён кардан
- Қисми болои даҳон
- Дуруст, ҳа
- Давлати хурд дар Аврупо
- Хафашавӣ
- Рафиқи Пак
- Водӣ дар ноҳияи Мастчоҳ
- Матои ғафси пашмин барои либоси болопӯш
- Фулуз
- Автобуси Ҳиндустон
- Минқори мурғон
- Бо он таом мекашанд
- Хашароти рӯиобдавак
- Оча (ӯзбекӣ)
- Чӯти қадимаи юнонӣ
- Матоъ барои кӯрпа
- Мор, дӯсти Маугли
- Маззаи зелол
- Дурахшон, равшан
- Навъи андоз
- Метал, унсури бомбаи атомӣ
- Кушода (лаҳҷавӣ)
- Гиёҳе, ки хӯроки шутур аст
- Навъи гиёҳ
- Вақт, лаҳза
- Мӯҳраи нард
- Давлати Н. Назарбоев











*Мураттиб: Б. СИДДИҚОВ*

***Индекси обунаи рӯзнома:*** 69022

***Суратҳисоби бонкии рӯзнома:*** **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ЧТ «Амонатбонк»**

***Муассис:***
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Учредитель:***
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг тахти №0178 ва 17 марти соли 2009 тахти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН»**
*- БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ*

***Сардабир***
**Дилбар ТАБАРОВА**

***Ҳайати таҳририя***
**Ч.Ч. АҲМАДЗОДА**
**П. АМИНЗОДА**

***Саҳифабанд***
**Доннёр САТТОРОВ**

***Нишонии идораи рӯзнома:***
ш. Душанбе,
к. Ш. Ҳусейнзода, 34
Тел. **227-22-07, 227-22-39**

Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.
Теъдод **1000** нусха

***Арзиши солонаи обуна:***
78 сомонӣ

***Хабарнигорон:*** Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)

*Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ маводхое низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.*

CMYK